ДУШАНБЕ 100-СОЛА ШУД с.8
САТҲИ ОБИ “НОРАК” БАЛАНД ШУД с.2
ҲОҶИБОБОИ МАКТАБИ МИЁНА КИСТ? с. 7




# ТОҶИКИСТОН

№16 (1579), 17.04.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992


# ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ

## Чаро аз буҷа маблағ мегиранд?




**МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «ҲИСОР МОЛЛ»**

*Маҷмааи бисёрфункционалии “Ҳисор мол” бо ҷойгиронии 3-блоки биноҳои истиқоматии бисёрбаландошёнаи истикоматӣ, воқеъ дар Ҷамоати шаҳраки Ҳисор ҷойгир аст.*

M.O.O. Group
СЕБИСТОН-2018
— ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —

*Бартарии «ҲИСОР МОЛЛ»*

*ХАРИДИ ХОНА ДАР МАҶМААИ БИСЁРФУНКСИОНАЛИИ “ҲИСОР МОЛ” ОСОН ШУД. ҲАМАГӢ 30 ФОИЗИ МАБЛАҒРО ПЕШПАРДОХТ НАМОЕД ВА 70 ФОИЗИ БОҚИМОНДАРО ДАР ДАВОМИ 3 СОЛ СУПОРЕД.*

- Хонаҳои бароҳат аз 47,7 м2 то 134,2 м2
- Фасади зебо бо тирезаҳои панорамӣ
- Лифтҳои баландсуръати пассажир ва боркашонӣ
- Системаи гармидиҳӣ ва хунуккунии инфиродӣ
- Системаи инфиродии обтаъминкунӣ
- Хидмати консерж 24/7
- 108 ҷой барои таваққуфгоҳ Гипермаркет
- Ду кинотеатр
- Маркази фароғатии кӯдакон
- Кортҳои хӯрокворӣ
- SPA
- Ҳавзи шиноварии дарунӣ
- Маркази фитнес



*Телефони шуъбаи фурӯш:* +992 301-99-99-99 | 887-00-31-33


## ДАР ИН ШУМОРА:


**НИГАРОНӢ**
Русия дигар шакар намедиҳад с.7

**ҶАҲОН**
Паёмади ҳамлаи Эрон ба Исроил с.4

**МУҲОҶИР**
Ба таҳлука афтодан лозим нест с.3

**ДУШАНБЕ**
Чӣ тавр як деҳа пойтахти Тоҷикистон шуд? с.5

**ҚАЛЪАИ ХУҶАНД**
Аз таърих то эҳё с.9

**УСТОД АЙНӢ**
Нашри 2 асар дар Амрико с.10

**БА ХОТИРИ ИШҚ**
Қасди худкушӣ дар рӯзи ид с.11

**КАНЗИ ШИФО**
8 фоидаи оби хуч с.12

**ВАРЗИШ**
Паҳлавонон ба Ҳонконг мераванд с.15

## ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,**
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,**
академик

**Шералӣ КАБИР,**
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

**Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,**
сиёсатмадор

**Адаш ИСТАД,**
нависанда (Узбекистон)

**Ҳафиз РАҲМОН,**
адабиётшинос

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Умед СУЛТОНОВ,**
саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88, 238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

# САТҲИ ОБИ "НОРАК" БАЛАНД ШУД

**Дар обанбори "Норак" сатҳи об назар ба ҳафтаҳои пеш ҳудуди 0,79 метр боло рафтааст.**

Дар ин бора аз ширкати "Барқи тоҷик" хабар доданд.

Гуфта мешавад, ки дар рӯзҳои аввали моҳи апрел сатҳи обанбор 857,65 метрро ташкил медод. Аммо ба ҳолати имрӯз он 858,44 метрро ташкил додааст.

Ба иттилои ширкати "Барқи тоҷик", тағйирот ҳаст ва ҳолати сатҳи оби обанбор рӯй ба беҳбудӣ оварда истодааст.

Қаблан сатҳи об аз ҳадди аксар 50 метр камтар буд. Аз ин рӯ, реҷаи таъмини аҳолӣ бо барқ на ҳамеша риоя мешуд.

Пас аз Иди Рамазон ва зиёд шудани боришот сатҳи оби дарё зиёд шуда, алакай аҳолии шаҳру навоҳии кишвар ҳудуди 8 соат пурра барқ мегиранд. Қаблан аз 4 то 5-6 соат буд.

Дабири СААД:

# ЭҲТИМОЛИ МУНОҚИШАИ ТОҶИКИСТОНУ ҚИРҒИЗИСТОН НЕСТ

**Эҳтимоли муноқиша миёни Бишкеку Душанбе ва аломатҳои ошкори ихтилофи назар байни аъзои СААД мавҷуд нест.**

Ин нуктаро дабири кулли СААД Имангали Тасмагамбетов баён дошт.

Вай аз иродаи раҳбарияти сиёсии ду кишвар - Қирғизистон ва Тоҷикистон тавсиф кард, ки имконият дод, то муайянсозии марзи давлатӣ оғоз шуда, бомуваффақият ҷараён гирад.

"Даст ёфтан ба ҳалли сиёсии мушкилоти марзӣ барои абадан зарфияти низоъ байни Душанбе ва Бишкекро бартараф мекунад",- гуфт дабири СААД.

Вай афзуд, ки аломатҳои ошкори ихтилофи назар байни аъзои созмон ба далели тезутунд шудани вазъи геополитикӣ низ ба назар намерасад.

Тасмагамбетов муътақид аст, ки ба шарофати СААД кишварҳои узв имкони таъмини амнияти миллиро пурра доранд.

Қаблан вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин иттилоъ дода буд, ки давоми соли гузашта зиёда аз 197 км ҳудудҳои мушкил тасвиб шуда, 10% боқӣ мондааст, ки ин аз 97 то 103 км хати сарҳадро ташкил медиҳад.

# БОЗ ЯК ХАТСАЙРИ НАВ ДАР ДУШАНБЕ

**Аз 22-юми апрел дар шаҳри Душанбе хатсайри нави автобуси №61 роҳандозӣ мешавад.**

Гуфта мешавад, ки ин хатсайр тавассути терминали ғарбӣ-таваққуфгоҳи маркази савдои «Ховарон» ба фаъолият оғоз менамояд. Ҳаракати автобусҳо дар ин хатсайр тавассути шоҳроҳи Душанбе-Ҳисор ва кӯчаву хиёбонҳои Алишери Навоӣ, Карамов, Низомӣ Ганҷавӣ, Исмоили Сомонӣ, Шероз, Шоҳтемур, Мирзо Турсунзода, Нисор Муҳаммад, Дӯстии халқҳо, Аҳмади Дониш, Мастонгулов, Зебунисо ва Садриддин Айнӣ ба роҳ монда мешавад.

Ҳамзамон, дар ин рӯз масири хатсайри автобуси №41 ("Кӯшониён" - Терминали ғарбӣ) тағйир меёбад. Акнун автобусҳои ин хатсайр тавассути кӯчаву хиёбонҳои Ҳ. Шерозӣ, Рӯдакӣ, С. Носирова, Карамов, А. Навоӣ ва шоҳроҳи Душанбе-Ҳисор ба роҳ мегузаранд.

Ин хатсайр 10-уми августи соли 2020 ташкил шуда, тавассути кӯчаву хиёбонҳои Нусратуло Махсум, А. Навоӣ, Карамов, Рӯдакӣ ва Ҳ. Шерозӣ ҳаракат мекард.



# МАҲМАДШОҲ ГУЛЗОДА ДАР ӮЗБЕКИСТОН ПРОФЕССОР ШУД

**Маҳмадшоҳ Гулзода, ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино унвони профессори фахрии Донишгоҳи давлатии тиббии Самарқандро соҳиб шуд.**

Ин унвон ба ӯ зимни баргузории Форуми дуюми ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки дар пояи Донишгоҳи давлатии иқтисоди шаҳри Тошканд баргузор шуд, супорида шудааст.

Роҳбарияти Донишгоҳи давлатии тиббии Самарқанд ҳангоми супоридани дипломи профессори фахрӣ ва пӯшонидани либоси махсус (манти)-и узви ифтихории Донишгоҳи давлатии тиббии Самарқанд қайд намуд, ки профессор Гулзода Маҳмадшоҳ барои саҳми босазояш дар рушди ҳамкориҳои илмиву таълимӣ ба чунин унвон сазовор гардид.

Маҳмадшоҳ Гулзода дар суханронӣ бо изҳори сипос аз Роҳбари олии давлатҳо, Вазорати маориф ва илму инноватсияи ҷумҳуриҳои дӯст ва раёсати Донишгоҳи давлатии тиббии Самарқанд форуми мазкурро яке аз самтҳои муҳими таҳкими дӯстӣ ва боварӣ миёни мардуми фарҳангдӯсти Тоҷикистону Ӯзбекистон унвон кард.

Бояд гуфт, ки Маҳмадшоҳ Гулзода раиси Шӯрои ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мебошад.

# САРИ САБЗ



**Ибодулло МАШРАБОВ,**
**Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон**

**- Ман ягон гапи безеб нагуфтам. Ин масъалаи кории ман аст ва бояд сахтгир бошам. Агар ҳамин корро намекардам, онҳо боз дер мекарданд ва кор пеш намерафт. Раққосаҳо худашон маро нағз мефаҳманд (сухан сари навори баҳсбарангез аст,- аз идора).**

*- Ҳаҳаҳаҳ, гапҳоятон ягон майда безеб нест. Ба хотири дер накардани раққосаҳову пеш рафтани кор гап гуфтан ҳоло кам аст. Масалан, мешавад аз маошҳояшон фоиз гардонд.*



**Завқӣ ЗАВҚИЗОДА,**
**вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон**

**- Ҳадафи олии давлат ва ҳукумати мамлакат таъмин намудани рушди устувори иқтисодии кишвар тавассути баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираву имкониятҳои мавҷуда, дарёфти манбаъҳои нави рушд аст.**

*- О, блоки иқтисодии кишвар ҳаминро ки медонанд, пас барои чӣ ҳоло ҳам захираву имкониятҳои мавҷуда ба таври бояду шояд истифода намешаванд?*



**Абдураҳим САНГИНОВ,**
**хонандаи синфи 11-и литсей**

**- Ман озодона бо се забон - тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ муошират мекунам. Дар литсейи мо фанҳои дақиқ бо забони англисӣ дарс дода мешаванд ва ин сабаб шуда, ки сатҳи дониши забони англисии худро рушд диҳам.**

*- Хуш ба ҳолатон! Ин суханатон ба гӯши дигар хонандаҳо расад, шояд бисёрашон ҳасад баранд, ки кош пул медоштанд ва дар мактаби умумӣ неву мисли шумо дар литсей мехонданд.*

**Баъди анҷоми амалиёти террористӣ дар “Крокус Сити Холл” ва боздошти шаҳрвандони Тоҷикистон ҳамчун гумонбарони ҳодисаи мазкур мавзӯи будубоши тоҷикон дар Россия доғ шудааст. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва васоити дигари ахбори омма ҳамарӯза даҳҳо хабари пур аз ҳангома паҳн мешаванд, ки баъди ин ҳодиса вазъи муҳоҷирон бад шуда, онҳо сари ҳар қадам гирифтори фишору таъқиб мегарданд. Бо мақсади равшанӣ андохтан ба асли масъала суҳбате доштем бо Нурулло Ғафуриён, масъули бахши робита бо ҷомеаи Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон.**





# МУҲОҶИРОН НАБОЯД БА ТАҲЛУКА АФТАНД...

**- Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон дар шаҳрҳои Россия намояндагиҳои худро дорад. Пас аз ин ҳодисаи нохуш теъдоди мурожиаткунандагон ба намояндагиҳо то кадом андоза зиёд шудааст? Мегуфтед, ки муҳоҷирон бештар бо кадом масъалаҳо мурожиат мекунанд?**

- Намояндагиҳои Вазорат фаъолияти худро дар самтҳои баррасии арзу дархостҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, вохӯрӣ бо субъектҳои хоҷагидор ҷиҳати мусоидат барои бокортаъминкунии муҳоҷирон, чораандешӣ барои пардохти музди меҳнати муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҷониби корфармо, расонидани машварат ва ёрии амалии ҳуқуқӣ, мусоидат барои бекор кардани қарорҳои судӣ оид ба депортатсияи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва лағви манъи вуруди муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳолати доштани асосҳои ҳуқуқӣ, вохӯрӣ бо мақомоти қудратии Федератсияи Россия, ҳамкорӣ бо диаспораҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятии тоҷикони муқими Россия ба роҳ монда, дар шароити кунунӣ низ динамикаи фаъолияти он тағйир наёфтааст.

**- Мушаххас гуфта метавонед, ки ҳодисаи нохуши дар “Крокус Сити Холл” рӯйдода ба ҳаёти муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар Россия чӣ таъсир расонд ва вазъият минбаъд чӣ гуна хоҳад буд?**

- Вазъияти муҳоҷирони меҳнатӣ, ки будубош ва фаъолияти худро расмӣ гардонидаанд, қариб бетағйир мондааст ва ягон ҳолати мубҳам онҳоро таҳдид намекунад. Аммо эҳтимолияти минбаъд зиёд шудани чораандешиҳо нисбати муҳоҷироне, ки фаъолияти ғайрирасмӣ ва ғайриқонунӣ доранд, вуҷуд дорад. Аз ҳамин хотир, муҳоҷирони меҳнатии моро зарур аст, ки ҳамеша қонунгузории кишвари зисти муваққатиро эҳтиром ва риоя намоянд.

**- Мегӯянд, ки имрӯзҳо муҳоҷирони тоҷик гурӯҳ-гурӯҳ Россияро тарк карда истодаанд. Ин овозаҳо то куҷо ҳақиқат доранд?**

- Рафтуомади шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Федератсияи Россия хусусияти доимӣ касб кардааст. Шаҳрвадони Тоҷикистон ба Россия натанҳо ба муҳоҷират, балки барои табобату солимгардонӣ, таҳсилоту такмили тахассус ва саёҳату меҳмонӣ низ сафар мекунанд. Бе ҳодисаҳои ахир ҳам ҳамарӯза ҳазорон муҳоҷир ба Тоҷикистон бармегаштанд ва то кунун ин нишондиҳанда чандон тамоюли афзоиш надорад.

**- Муҳоҷироне, ки имрӯзҳо дар Россия бо ягон мушкилӣ рӯ ба рӯ мешаванд, ба куҷо бояд мурожиат намоянд?**

- Ҳангоми дучор омадан бо мушкилиҳо ва дигар ҳолатҳои ногувори пешбининашаванда муҳоҷирони меҳнатии тоҷик метавонанд ба Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия, ки дар суроғаи шаҳри Москва, гузаргоҳи Гранатный, 13 ҷойгир шудааст, мурожиат намоянд ё ба телефони 8(495) 690-41-86 занг зананд. Муҳоҷирони меҳнатии тоҷик метавонанд ҳамчунин ба намояндагиҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли алоҳии Тоҷикистон дар Русия бо рақами телефонии +7(495) 9679844 аз соати 9:00 то 18:00 ва дар шаҳри Маскав ба рақамҳои +7(926) 462-62-01, +7 (903) 597-12-13 занг зада, кумак пурсанд. Маълумот дар бораи суроға ва рақамҳо барои тамос бо ин сохторҳо дар сомонаҳои расмии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти муҳоҷират ва намояндагии вазорат дар Федератсияи Россия низ дастрас мебошанд.

**- Маслиҳати шумо ба тоҷиконе, ки новобаста ба авзоъ мехоҳанд ба Россия ба муҳоҷирати меҳнатӣ раванд...**

- Муҳоҷирон, пеш аз ҳама, бояд ба таҳлука наафтанд. Кӯшиш кунанд, ки сари вақт будубош ва фаъолияти меҳнатии худро дар Русия ба расмият дароранд. Ба хабарҳои ғайрирасмии ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ бовар накунанд. Ба фиреби миёнаравҳо дода нашаванд ва аз иштирок дар дилхоҳ бенизомиҳо худдорӣ намоянд.

**- Мегӯянд, ки минбаъд Россия бештар муҳоҷирони меҳнатиро ба таври муташаккилона қабул мекунад. Рост аст?**

- Бале, тавре таҷрибаҳо нишон медиҳанд, беҳтарин роҳи таъмини кафолати бехатарӣ ва муваффақияти кори муҳоҷирон - ин ҷалби муташаккилонаи муҳоҷирони меҳнатӣ ба ин ё он давлат мебошад.

**(Давомаш дар саҳ.6)**

**Аз ин ба баъд ба аҳзоби сиёсии Тоҷикистон аз ҳисоби буҷаи давлат пул ҷудо хоҳад шуд. Вакилони парлумон тағйиротро ба қонун дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ рӯзи 11-уми апрел қабул карданд.**

# ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ

## Чаро аз буҷа маблағ мегиранд?



Музаффар Ашӯриён, вазири адлия ислоҳи қонунро "таҳкими низоми бисёрҳизбӣ, шаффофияти фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, беҳтар гардидани мақоми кишвар ҳамчун давлати демократӣ дар арсаи байналмилалӣ" номид.

Ба қавли вазир, ба қонуни мазкур моддаи нав (моддаи 121) илова гардида, тибқи он аз рӯйи натиҷаҳои иштирок дар интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати нав як маротиба бо мақсади дастгирии молиявии ҳизбҳои сиёсӣ аз буҷаи давлатӣ маблағгузорӣ мешавад.

Ин қонун ихтисоси маблағ аз буҷети давлатӣ, дар кадом муҳлат ба суратҳисоби ҳизби сиёсӣ гузаронидани маблағ, талаботи маблағгузорӣ, андозаи маблағгузорӣ ва дигар шартҳоро мушаххас мекунад.

Мутобиқи он, маблағгузории давлатии ҳизбҳои сиёсии дар интихобот иштирокдошта, ки ҷамъи овозҳои интихобкунандагони ба тарафдории он додашуда аз 5 дарсади овозҳои интихобкунандагони дар овоздиҳӣ иштироккарда кам намебошад, аз рӯи натиҷаҳои интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати нав ба маблағи 7 дарсади нишондиҳанда барои ҳисобҳо зарб ба шумораи овозҳои гирифтаи ҳизби сиёсӣ амалӣ мешавад.

Гуфтан бамаврид аст, ки як нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар кишвар ҳоло 72 сомонӣ муқаррар шудааст.

Абдуҳалим Ғаффорзода, раиси Ҳизби сотсиалистӣ ва узви Маҷлиси намояндагон мегӯяд, ҳанӯз соли 2003 пешниҳод карда буд, ки ҳизбҳои сиёсӣ аз буҷаи давлат сармоягузорӣ шаванд, аммо ба иддаои ӯ "бо пофишории ҳизбҳои наҳзати исломӣ (фаъолияташ мамнуъ) ва сотсиал-демократ амалӣ нашуд".

"Агар ҳизбҳои сиёсӣ маблағи кофӣ надошта бошанд, барномаҳои худро дар амал татбиқ карда наметавонанд",- афзуд ӯ рӯзи 11-уми апрел дар парлумон.

Рустам Латифзода, вакили парлумон аз Ҳизби аграрӣ таъкид кардааст, ки ин тағйирот “ба ҳизбҳои сиёсии мамлакат имкони иловагӣ медиҳад, ки бо намояндагӣ аз тарафдорону пайравони худ дар мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузории кишвар фаъолияти густурда дошта бошанд ва дар тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ нақши муассир гузоранд”.

Ёдовар мешавем, ки айни ҳол дар Тоҷикистон 7 ҳизби сиёсӣ фаъолият доранд, ки аз он 6 ҳизби сиёсӣ дар парлумони кишвар намоянда доранд.

**Д. ҚОДИРПУР**



**Манобеи маҳаллӣ дар вилояти Тахор хабар додаанд, ки ҳафт шаҳрванди Афғонистон ҳангоми кӯшиши вуруд ба хоки Тоҷикистон аз сӯи низомиёни тоҷик кушта шудаанд.**

Ҳодиса шаби 9-уми апрел дар марзи Тоҷикистону Афғонистон, воқеъ дар нохияи Чоҳоб рух додааст. Мақомоти Тоҷикистон ва гурӯҳи Толибон то ҳол дар бораи ин ҳодиса расман хабар надодаанд. Рӯзнома бо такя ба манобеаш менависад, ки ин ашхос қочоқбарони моводи мухаддир будаанд.



THE TIMES **Киев бояд занонро ба артиш ҷалб кунад, ҳамон тавре ки дар Исроил сурат мегирад,- изҳор доштааст мушовири фармондеҳи нерӯҳои заминии қувваҳои мусаллаҳи Украина дар умури гендерӣ Оксана Григорева.**

"Дар конститутсияи мо гуфта шудааст, ки ҳар як украинӣ вазифадор аст, ки Ватани худро дифоъ кунад, аз ин рӯ, барои занон низ хизмат кардан дуруст мебуд",- гуфтаст ӯ. Ҳоло 65 ҳазор зан дар нерӯҳои мусаллаҳи Украина хидмат мекунанд, ки ин рақам аз соли 2021 тақрибан 40% афзоиш ёфтааст.

# ҲАМЛАИ ЭРОН БА ИСРОИЛ

## Нигаронии Гуттериш ва ҳушдори Байден

NBC NEWS

**Эрон субҳи 14-уми апрел бо садҳо ҳавопаймои бесарнишин, мушакҳои болдор ва баллистикӣ ба Исроил ҳамла кард. Расонаҳо хабар медиҳанд, ки Эрон 185 ҳавопаймои бесарнишин, 36 мушаки болдор ва 110 мушаки заминӣ ба Исроил партоб кардааст.**

Ёдовар мешавем, ки Эрон дар холе харими ҳавоии Исроилро бомбборон кард, ки чанде пеш ин кишвар ба консулгарии Эрон дар Димишқ, пойтахти Сурия ҳамла карда буд.

Вале аксари коршиносон ҳамлаи Эронро бидуни ҳадаф ва "тарсонидан" унвон карданд, зеро аксари мушакҳои Эрон дар ҳаво безарар гардонида шуданд.



Даниел Ҳагарӣ, сухангӯи артиши Исроил пас аз ин ҳамла гуфт, ки аз ҳудуди 300 ҳавопаймои бесарнишин, мушаки болдор ва баллистикии аз сӯи Эрон ба Исроил партобшуда 99 дарсади онҳо қабл аз расидан ба ҳадаф безарар гардонида шудаанд. Ӯ таъйид кард, ки як пойгоҳи низомӣ дар ҷануби ин кишвар ҳадаф қарор гирифтааст, аммо ба ин марказ хисороти ҷиддӣ ворид нашудааст.

Ба гуфтаи ҳадамоти изтирории Исроил, танҳо як духтари 10-сола бар асари пораҳои таркиш захмӣ шудааст.

Дабири кулли СММ Антониу Гутерриш ҳамлаи Эрон ба Исроилро маҳкум кард. Исроил гуфт, ба ҳамлаи Эрон "қатъӣ ва возеҳ" посух хоҳад дод.

Ба иттилои NBC News, Байден аз Нетаняҳу хостааст, ки ба посухи мушакии Теҳрон вокуниш нишон надиҳад, зеро Амрико дар "ҳеҷ амалиёти ҳамла алайҳи Эрон" ширкат нахоҳад кард.

BBC

**Се писар ва се набераи Исмоил Ҳания, раиси дафтари сиёсии гурӯҳи "Ҳамос" дар як ҳамлаи ҳавоии Исроил ба Ғазза кушта шудаанд.**

Тибқи гузоришҳо, ҳамла рӯзи 10-уми апрел дар наздикии урдугоҳи оворагони "Шотӣ" дар шаҳри Ғазза сурат гирифта, Хозим, Амир ва Муҳаммад Ҳания ҳамроҳи шуморе аз аъзои хонаводаи худ ҷони худро аз даст додаанд.




Миёни кушташудагон се набераи Исмоил Ҳания низ будаанд.

Сухангӯи артиши Исроил ҳадаф қарор додани авлодони Исмоил Ҳанияро тасдиқ карда, гуфт, ки нерӯҳои ҳавоӣ ба фарзандони Ҳания, ки фармондеҳ ва узви гурӯҳи тундрави "Ҳамос" буданд ва барои анҷоми "иқдомоти террористӣ" дар ҳаракат буданд, ҳамла карданд.




# ЗАНИ САРВАТМАНДТАРИН БА ҚАТЛ МАҲКУМ ШУД

Deutsche Welle

**Як соҳибкорзани сарватмандтарини олам дар Ветнам ба қатл маҳкум карда шуд.**

Додгоҳ баъди таҳқиқи амиқу бисёр тӯлонӣ гуфт, ки соҳибкори 67-сола Чионг Ми Лан аз роҳи тақаллубкорӣ 12 миллиард долларро азхуд кардааст.

Ин пул 3 дарсади маҷмӯи маҳсулоти дохилии Ветнамро ташкил медиҳад. Соҳибкор охири солҳои 1980 корро аз фурӯши косметика дар як бозори шаҳри Ҳошимин сар карда, бо гузашти чанд сол ба як олигархи калон табдил ёфт. Аз ҷумла, бо роҳҳои тақаллубӣ ва эҷоди ширкатҳои кисагӣ калонтарин бонки тиҷоратии Ветнамро ба дасти худ гирифт.



Пеш аз ин бо иттиҳоми шарикӣ дар ин ҷиноят ҳамсар ва ҷиянаш ба ҳукмҳои тӯлонии зиндон маҳкум шуданд.

**БА МУНОСИБАТИ 100-СОЛАГИИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ**

# ДУШАНБЕ

## Чӣ тавр як деҳа пойтахти Тоҷикистон шуд?



*Соли 1926. Нусратулло Махсум декларатсия дар бораи ташкилёбии ҶМШС Тоҷикистонро дар пойтахти нав эълон мекунад.*

**Ба маркази ҷумҳурӣ табдил ёфтани Душанбе ба таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон зич алоқаманд аст. Чуноне маълум аст, соли 1924 бо тавсияи Ҳизби коммунистии болшевикии Русия дар Осиёи Миёна тақсимоти ҳудуди миллӣ, гарчанде ба он халқҳои ин сарзамин ҳанӯз омода набуданд, гузаронида шуд.**

### Хиёнати миллатфурӯшон

Дар он замон, махсусан тоҷикон дар вазъияти ниҳоят душвор қарор доштанд. Зеро манфиати онҳоро қариб ҳеҷ кас ҳимоя намекард. Дар он соли тақдирсоз (яъне, соли 1924) ба ҳамаи миллат ва халқиятҳои Осиёи Миёна ҳуқуқ дода шуда буд, ки комиссияи миллии худро таъсис дода, лоиҳаи манфиатҳои миллии худро пешниҳод намоянд. Аммо танҳо тоҷикон то миёнаи моҳи августи соли 1924 комиссияи миллӣ, ки он бояд ҳудуд, усули давлатдорӣ ва пойтахти давлатро муайян мекард, надоштанд.

Албатта, дар он замони тақдирсоз дар ҳайати роҳбарияти ҷумҳуриҳои Туркистону Бухоро шахсони мансабдор ва бонуфузи баромади аслиашон тоҷик кам набуданд. Баъзеи онҳо дар ҳар ду ҷумҳуриҳо ҳам вазифаҳои масъулро бар дӯш доштанд. Вале ин мансабдорон анқариб дар ботлоқи аввалан туркпарастӣ ва баъдан ӯзбекпарастӣ афтода, тоҷик будани худро инкор мекарданд. Масалан, Файзулло Хоҷаев аз рӯзҳои аввали бунёди ҶХШ Бухоро раиси Шӯрои нозирони халқии он буд. Ӯ ҳанӯз ҳангоми тартиб додани барномаи ҳизби бунёдкардааш (ҳизби ҷавонбухороиёни инқилобчӣ, ки аввали соли 1920 дар шаҳри Тошканд ташкил ёфтааст) тоҷиконро бадқасдона яке аз қабилаҳои туркӣ мешуморид. Қаблан, туркпарастон тоҷиконро яке аз кабилаҳои туркии бо таъсири адабиёти классикии форсӣ забони худро гумкарда ҳисоб мекарданд.

Инак, Ф. Хоҷаев 25-уми феврали соли 1924 дар маърӯзаи худ дар маҷлиси васеи коммунистони Бухоро пешниҳод кард, ки шаҳри Бухоро бояд маркази Ҷумҳурии иттифоқии Ӯзбекистон қарор гирад. Вилояти мухтори тоҷикон бошад, танҳо аз ҳисоби ноҳияҳои кӯҳии Мастчоҳ ва Қаротегин бунёд карда шавад. Баъдтар аз тарафи камиссияи тақсимоти ҳудуди миллӣ, аз ҳисоби заминҳои Ҷумҳурии Бухоро, ба вилояти мухтори Тоҷикистон боз мулкҳои водии Ҳисор, Кӯлобу Вахш ҳамроҳ гардиданд.

Ҳамин тавр, шаҳри Бухоро, ки ҳар як сангаш бо таърихи бисёрҳазорсолаи маҳз тоҷикон алоқаманд буд ва танҳо маркази илму фарҳанги тоҷикон ба ҳисоб мерафт, бо хиёнати Хоҷаеви миллатфурӯш ва думравони ӯ ҳамчун пойтахти Ҷумҳурии Ӯзбекистон пешниҳод гардид. Мутаассифона, он замон чунин хиёнаткорони миллат кам набуданд. Инчунин, дигар тоҷики миллатфурӯш Абдулло Раҳимбоев, ки дар ҷумҳуриҳои Туркистон ва Бухоро вазифаҳои масъули ҳизбиро адо мекард, дар баробари дигар гузаштҳо, тарафдори он низ буд, ки ноҳияҳои Ӯротеппа (Истаравшан) пурра ба ҳайати Ӯзбекистон дохил карда шаванд.

### Роҳбарони камтаҷриба

То миёнаи моҳи августи соли 1924 дар асоси лоиҳаҳои пешниҳоднамудаи комиссияҳои миллат ва халқиятҳои гуногун лоиҳаи умумии тақсимоти ҳудудии ҷумҳуриҳои миллии Осиёи Миёна алакай омода шуд, ки дар он Вилояти мухтори Тоҷикистон низ акси худро ёфта буд. Вале ҳанӯз пойтахти оянда он маълум набуд. Лоиҳаи умумии омодашуда дар зинаҳои гуногун муҳокима мегардид. Дар чунин лаҳза танҳо мавҷуд набудани комиссияи тоҷиконро эҳсос намуда, 16-уми август комиссия дар ҳайати се нафар: Абдураҳим Ҳоҷибоев (раис), аъзо: Чинор Имомов ва Саидҷонов фавран ташкил дода шуд. Ба комиссия шамагӣ 5 рӯз муҳлат дода, таъкид намуданд, ки фикру андешаи тоҷиконро баён намоянд. Мувофиқи баъзе маълумотҳо, аъзои ин комиссия ҳатто овози халкунанда надошта, дар ҷаласаҳо ҳамчун машваратчӣ ширкат меварзиданд.

Комиссияи бо ном «тоҷикӣ», бо сабабҳои камтаҷрибагии аъзо, дуруст сарфаҳм нарафтани масъалаи миллӣ, ҷавонии онҳо (масалан, дар соли 1924 А. Ҳоҷибоев 24 сол ва Чинор Имомов 26 сол доштанд), зиёд будани таъсири туркпарастӣ ва ғайра, дар амал манфиати тоҷиконро ҳимоя карда натавонистанд. Баръакс, кӯшишҳои аъзои комиссияи «тоҷикӣ» мавқеи комиссияи ӯзбекиро боз ҳам мустаҳкамтар менамуд.

Бинобар ин, аз мавқеи ишғолнамудаи онҳо чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки комиссияи бо ном «тоҷикӣ», дар лаҳзаҳои ба тоҷикон махсусан душвор, дар асл аз рӯи нақша ё нишондоди комиссияи ӯзбекӣ фаъолият мекард.

Ба мақсади мушаххасии андешаҳои фавқ ба далелҳои зерин аҳамият медиҳем. Дар он замони кашмакашиҳои миллӣ ҳатто комиссияи ӯзбекӣ қисман эътироф карда буд, ки шаҳри Самарқанд маркази мадании тоҷикон ба шумор меравад. Ҳангоми музокирот раиси комиссия А. Ҳоҷибоев ба ин масъала дахл намуда, шаҳрҳои Бухоро ва Самарқандро шаҳрҳои бузурги тоҷикон ҳисобида, изҳор доштааст: «Мо ақида дорем, ки шаҳри маркази тоҷикон Самарқанд хоҳад буд, ки дар ҳудуди Ӯзбекистон мемонад. Он бояд маркази муваққатии маданияти тоҷикон бошад. Дар ин ҷо мо бояд мактаб ва ғайра ташкил намоем». Дар ин ҷо А. Ҳоҷибоев ҷуръат накард, ки гӯяд: «Шаҳри Самарқанд бояд маркази маъмурии бигузор дар ибтидо Вилояти навбунёди мухтори Тоҷикистон бошад».



*Бинои ҳукумати Тоҷикистон дар соли 1924*



*Нозирот (вазорат) -и маорифи Тоҷикистон дар соли 1924*



*Намои деҳаи Душанбе*



*Соли 1924-29 оғози сохтмони шаҳри Душанбе*



*Яке аз кӯчаҳои Душанбе дар соли 1924*

### Қаратоғ ё Душанбе

Дар ҷаласаи 21-уми августии комиссияи тақсимоти ҳудуди миллии Осиёи Миёна инчунин масъалаи пойтахти Вилояти мухтори Тоҷикистон муҳокима гардид. Дар ҷаласа раисикунанда ба комиссияи «тоҷикӣ» рӯ оварда, чунин савол гузошт: «Маркази вилояти мухтори шумо куҷо мешавад?», ҳамоно аз маҷлисгоҳ садои «Душанбе!» шунида шуд. Вале ин садои кӣ буд, маълум нест. Эҳтимол, дар он лаҳза дар ҳайати комиссияи «тоҷикӣ» пиромуни пойтахти Вилояти мухтори Тоҷикистон ақидаи ягона вуҷуд надошт. Чунончи, сарвари ин комиссия А. Ҳоҷибоев оид ба саволи ба миён гузошташуда таъкид мекунад, ки «минбаъд ҳам Бухоро ва ҳам Самарқанд маркази мадании тоҷикон ба ҳисоб мераванд, вале маркази маъмурии мо Қаратоғ хоҳад шуд». Инчунин сарвари комиссияи ӯзбекҳо Исломов, ки ба мақсади маҳдуд намудани мавқеи тоҷикон бештар мекӯшид, дар баромади худ пиромуни маркази маъмурию мадании тоҷикон саволе гузошт, аз маҷлисгоҳ боз садои шахси номаълуме «Қаратоғ!» шунида шуд.

Ниҳоят, ҷаласаи 21-уми августи соли 1924 комиссияи тақсимоти ҳудуди миллии Осиёи Миёна ба хулосае омад, ки маркази Вилояти мухтори Тоҷикистон бояд деҳаи Душанбе гардад.

(Давомаш дар саҳ.8)

*Саҳмгузорӣ*



# МАСЪУЛИЯТШИНОСӢ БОЯД ТАРАФАЙН БОШАД

## Кормандони “IRS” аз бетафовутии баъзе шаҳрвандон дар робита ба ҳифзи муҳити зист нигаронанд

**Дар баробари нигоҳдории роҳи Душанбе - Чаноқ, роҳбарият ва кормандони мо ба дигар масъалаҳо, аз ҷумла ҳифзи муҳити зист низ бетафовут нестанд.**

Шинонидани ниҳолҳои ороишӣ, сояафкан ва меваднҳанда дар масири роҳ, парвариши гулҳои гуногун, бунёди боғ дар ҳудуди намояндагиҳои филиали Ширкат аз корҳое мебошанд, ки мунтазам амалӣ мегарданд .

Илова бар ин, кормандони мо доимо дар тоза намудани гирду атрофи роҳи мазкур аз партов иштирок намуда, барои безараргардонии онҳо низ бетаъхир тадбир меандешанд. Бо ибтикори “IRS” дар ҳамкорӣ бо Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб ва дигар шаҳру навоҳии минтақаи Суғд дар масири Душанбе - Чаноқ гузоштани қуттиҳои махсус барои ҷамъоварии партов идомаи мантиқии ин раванд махсуб мешавад.

Лозим ба ёдоварист, ки дар даҳсолаи охир зарфҳои пластикӣ боиси фоҷиаи экологӣ гардидааст. Аз ҷумла, дар укёнуси ҷаҳонӣ доғҳои бузурге аз партовҳо ба вуҷуд омадаанд, ки асосан аз халтаҳои полиэтилении вайроннашаванда ва зарфҳои пластикӣ таркиб ёфтаанд. Солҳои охир чунин вазъ хатари оcеб расонидан ба ҳаёт дар рӯи Заминро ба вуҷуд овард ва ҷомеаи ҷаҳонӣ тасмим гирифт, ки ҷиҳати ислоҳи он бетаъхир тадбир андешад.

Чунин қуттиҳо асосан дар минтақаҳое гузошта шудаанд, ки барои ронандагону мусофирон ва сайёҳону истироҳаткунандагон дастрас мебошанд. Насби онҳо бояд имкон фароҳам орад, ки канори шоҳроҳ, минтақаҳои назди мавзеъҳои истироҳатию сайёҳӣ ва маҳалҳои аҳолинишин ҳамеша тозаю озода нигоҳ дошта шаванд. Ҳоло дар канори шоҳроҳи мазкур, минтақаҳои назди мавзеъҳои истироҳатию сайёҳӣ ва маҳалҳои аҳолинишини ин ҷода беш аз 50 қуттии махсус барои партов насб шуда, ояндаи наздик теъдоди онҳо ба 70 адад хоҳад расид.

Мутаассифона, баъзе шаҳрвандон ҳоло ҳам партовҳоро ба канор ва рӯи роҳ партофта, ба муҳити зист таъсири манфӣ мерасонанд. Аз ҷониби дигар, чунин тарзи кор муаррифии шоистаи минтақаҳои сайёҳии мамлакатро, ки аксаран дар масири зикршуда ҷойгиранд, зери суол мебарад. Тавре маълум аст, сайёҳон ба осоишгоҳҳои машҳури «Хоҷа Оби гарм», «Баҳористон», «Шифо», «Зумрад» «Сафед-дара», «Авис-сити», «Ҳавотоғ» ва амсоли инҳо тавассути роҳи мазкур сафар мекунанд. Табиист, ки ҳолати роҳ ва раванди нигоҳдории он барои ҷалби бештари сайёҳон, таваҷҷуҳбарангез шудани минтақа барои ҷаҳонгардон, беҳбудӣ ёфтани инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ омили калидӣ махсуб мешавад.

Роҳбарият ва кормандони “IRS” илова ба иҷрои вазифаи асосии худ – нигоҳдории роҳи Душанбе – Чаноқ, инчунин дар ҳифзи муҳити зист бениҳоят масъулиятшиносанд. Вале хуб мешуд, агар масъулиятшиносӣ тарафайн бошад.





## МУҲОҶИРОН НАБОЯД БА ТАҲЛУКА АФТАНД...

(Аввалаш дар саҳ.3)

Муҳоҷирони меҳнатиро зарур аст, ки тариқи муассисаҳои давлатӣ - Агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷа, марказҳои машваратӣ ва омодагии қабл аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидор - ширкатҳои хусусӣ ба Федератсияи Россия сафар кунанд.

**- Муҳоҷирати муташаккилона чӣ бартариҳо дорад?**

- Аввалан, дар сурати ба таври муташаккилона сафарбар гаштани муҳоҷирони меҳнатӣ бехатарии онҳо аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад. Дуюм, таъмини муҳоҷирони меҳнатӣ бо бастаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои барасмиятдарории фаъолияти меҳнатӣ дар ин ҳолат бар дӯши субъектҳои хоҷагидоре мебошад, ки муҳоҷиронро қабул мекунанд. Сеюм, ба муҳоҷирон таъминоти иҷтимоӣ ва шароити бехатари меҳнат кафолат дода мешавад. Чорум, ҳаҷми музди меҳнат пешакӣ муайян шуда, фиребгариҳо камтар мешаванд.

**- Ширкатҳои Россия имрӯзҳо низ барои ҷалби муҳоҷирони меҳнатии тоҷик ба кор дархост мефиристанд ё дигар чандон майл надоранд?**

- Маврид ба таъкид аст, ки новобаста аз ҳодисаи ахир дархостҳои ширкатҳои ҷониби Россия барои ба кор ҷалб намудани муҳоҷирони кории тоҷик зиёд шудааст.

- Дар сурати коҳиш ёфтани раванди муҳоҷират ба Россия Тоҷикистон муҳоҷирони меҳнатии худро ба кадом кишварҳо фиристода метавонад?

- Гуногунсамтсозии муҳоҷират яке аз ҳадафҳои аввалиндараҷа дар соҳаи муҳоҷират махсуб мегардад. То ин вақт ҳам барои сафарбар намудани муҳоҷирони меҳнатӣ ба дигар кишварҳо тадбирҳои мушаххас андешида шуда, шумораи муайяни муҳоҷирон ба Британияи Кабир ва кишварҳои Аврупо фиристода шуданд. Барои минбаъд васеътар кардани сарҳади муҳоҷират ва фиристодани муҳоҷирони тоҷик ба кишварҳои дигар айни замон Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сохторҳои марбутаи давлатҳои Аморати Муттаҳидаи Араб, Британияи Кабир, Венгрия, Румыния, Болгария, Туркия, Қатар, Литва, Латвия ҳамкориро ба роҳ мондааст. Бояд гуфт, ки Тоҷикистон ба низоми шуғли Кореяи Ҷанубӣ ворид гашт ва ба наздикӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи расман дар Кореяи Ҷанубӣ фаъолият намуданро соҳиб мешаванд.

**- Ташаккур барои суҳбат!**

**Мусоҳиб: Фирӯза САТТОРӢ**

*Чеҳра*

# ХУШБИН, ХУШЧЕҲРА, ХУШГӮЙ ВА ХУШБАХТ

## Ёде аз Меҳмон Бахтӣ

**На ҳама вақт дар хотир мемонад, ки нахустин вохӯриат бо нафаре чӣ тавр ба вуқӯъ пайваста буд.**

Шиносоии камина низ бо арбоби ҷамъиятӣ, шоир, носир, драматурги маъруфу маҳбуби замон, Нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдулло Рӯдакӣ Меҳмон Бахтӣ, ки охири солҳои ҳаштодуми асри гузашта вазифаи мудири бахши тарғиби адабиёти Иттифоқи нависандагонро бар зимма дошт, аз вижагие баҳраманд нест. Мани он айём навҷавон гоҳгоҳ ба Иттифоқи нависандагон сар мезадам ва дар долоне дида, саломаш медодам. Ӯ кушодрӯёнаву меҳрубонона посух мегардонд. Бад-ин минвол ошноиямон тадриҷан ва табиӣ идома пайдо кард. Чун огоҳӣ ёфт, ки банда ба эҷоди шеър завқе дорам, маҳз ӯ барои ширкат дар курс-конфронси адибони ҷавон ташвиқам намуд.

Баъдтарҳо рӯзе гуфт:

- Як даста навиштаҳоятро биёр, тарҷума кунонда, ба Институти адабии Москав мефиристем, донишҷӯ мешавӣ.

Тавсия дод, намунаҳои ашъорамро ба шоири русзабон Алишер Қиёмов, ки дар нашриёти «Адиб» фаъолият мекард, барам. Алишер на ҳар шеъру на ҳар шоирро меписандид, шеърҳои мавҳуму мубтазалмаъноро «паровозики» меномид. Он даврон ба тарҷумаи чакомаҳои зинданом Бозор Собир шуғл меварзид. Аз ин ваҷҳ бо ибову истиҳола ба ҳузураш рафтам. Хайрият, нигоштаҳои бандаро пазируфт. Пас аз ҳафтае миқдори зарурии шеърҳоямро дар тарҷумаи ӯ ба устод Меҳмон супоридам. Мутаассифона, чӣ шуду чӣ монд, ки баъди интизории басе дердавом маро ба он боргоҳи илму адаб даъват нанамуданд. Албатта ин бароям зарбаи гарони навбатии сарнавишт буд. Меҳмон Бахтӣ ба дилшикастагиям шарик шуд ва баҳри дилбардорӣ изҳор кард:

- Ғам нахӯр, ту бе хондан ҳам шоирӣ!

Соли 2013, ки раиси Иттифоқи нависандагон буд, боре ба ҳуҷрааш даъватам кард. Ҳолу аҳвол пурсид. Пасон шӯхиомез коҳиш намуд, ки шоирону нависандагон баҳудаю беҳуда, бамуносибату бемуносибат маҳфилҳои фардӣ ташкил мекунанд, дар Симо симояшонро нишон медиҳанд, дар Садо садояшонро сабт мекунанд, ту дар ин ҷода ҳеҷ фаъол нестӣ. Камина баҳонаҳои гуногун пеш овардам. Шодравон ба суханаш оҳанги ҷиддӣ бахшид:

- Фаҳмидам, ки имсол синни панҷоҳро пур мекардай. Аз ин рӯ, ҳоҳӣ-наҳоҳӣ, маъракаи ҷашнӣ меорой. Ман гуфта будам, ки ту бе хондан ҳам шоирӣ, акнун сароянда ҳам шудай. Дар маҳфили дигар шоирон онҳо шеър қироат мекунанду ҳофизон месароянд. Маҳфили ту хосагиаш ин мешавад, ки худат шеър мехонӣ ва худат суруд мехонӣ. Вазифаи партиявият ҳамин!

Камина ноилоҷ ризоят додам ва азбас лаёқати дар саҳнаву минбар суханпардозӣ надорам, ҷорабиниро як навъ гузаронидам. Худи устод дар он ширкат варзида натавонист, чунки ҳамон рӯз ба Маскав сафари хидматӣ дошт. Бинобар ин баъзан мегуфт:

- Фаромӯш накун, ту аз ман як маҳфил қарздорӣ.

Бад-ин тартиб, ҳар гоҳ Меҳмон Бахтиро ба ёд меорем, пеши рӯ шахсияти хушбин, хушчеҳра, хушгӯй ва хушбахте ҷилвагар мешавад. Чаро камина ин ҷо ҳамзамон вожаи «хушбахт»-ро изофа намудам? Охир, дар зиндагии ҳар инсон вокеоти гуворову ногувор рух медиҳанд. Устод низ дар давоми умри бобаракату босамараш фуруду фарозҳои афзунро аз сар гузаронидааст. Вале заифнолӣ намекард. Шояд зарофату мутоибаҳои ӯ силоҳе буданд алорағми маҳрумиятҳои шахсӣ ва миллӣ. Албатта вафоти ҳамсараш, кимиёшиноси обрӯманд Зебо Шарифова, бархе акрабо, инчунин Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Сайидалӣ Маъмур, Гулназар барин ҳамсафон барояш талафоти талофинопазир буд. Мусибату ғаму дард ва мушкилоти рӯзгор ба ҷисму ҷони матинироддатарин шахс низ кора менамояд. Ва аммо хушбахтии ӯро камина аз чанд ҷанба иборат медонам: дар хонаводаи фарҳангпарвар ба олам пой ниҳодааст; бо ҳамсари илмпешаву кадрдон умр ба сар бурд; дар халқаи шахсиятҳои фарҳехта камоли маънавӣ ёфтаву эҷод кард; номашро дар адабиёту фарҳанги тоҷик сабт намуд; аз худ фарзандони шоиста боқӣ гузошт. Ҳар кас, ки бо мавсуф кору фаъолият дошт, ҳар кас, ки бо ӯ нишасту хез кардааст, ҳангоми ба хотир оварданаш ғайриихтиёр табассум менамояд. Зеро фавран пеши назараш чеҳраи кушоди устод меояд ва зери гӯшаш базлаҳои ӯ садо медиҳанд. Инак, ки банда қалам ба каф гирифтаам, дар ҳамон гуна ҳолат қарор дорам.

Боре дар айёми раисиаш якчанд адибро ба ҳуҷрааш ғун овард. Мақсад дошт, ки аз иддаи аъзои Иттифоқи нависандагон дастаи хунарие созмон диҳад. Аз ҷумлаи даъватшудагон насрнигори шӯхравар Сорбон, ки бо лаҳни вижа суруд мехонад, марҳум Сафармуҳаммад Айюбӣ, ки муғаннии хубе буд, Баҳринисобону, ки бо шашмақомсароӣ ном баровардааст ва каминаи камтарин ҳузур доштем.

(Давомаш дар саҳ.13)

# РУСИЯ ДИГАР ШАКАР НАМЕДИҲАД

## Тоҷикистон зарар мебинад?




**Русия содироти шакарро аз 5-уми апрел то 31-уми августи соли равон манъ кард. Ин тасмимро Комиссияи танзими тарифҳои гумрукӣ ва тадбирҳои ҳифз дар савдои хориҷии ин кишвар гирифтааст. Зарурати роҳандозии чунин тадбир “нигаронӣ аз афзоиши содироти шакар ба хориҷа” маънидод мешавад. Воридоти шакар аз Русия ба Тоҷикистон бештар аст. То куҷо ин тасмим ба бозори дохилӣ таъсир мерасонад?**

### Афзоиши содирот ё ҳадафи дигар?

Вазорати кишоварзии Русия моҳи март хабар дода буд, ки Русия аз 1-уми августи соли 2023 то охири моҳи феврали соли 2024 зиёда аз 700 ҳазор тонна шакар содир намудааст. Ин 3,3 баробар зиёдтар нисбат ба ҳамин давраи гузашта мебошад.

“Маҳдуд кардани содирот ба нигаҳдории ҳаҷми кофии захираҳо ва таъмини шарикон аз Иттиҳоди иқтисодии АвруРсиё (ИИАО) имкон медиҳад”,- чунин шарҳ додааст ин тадбири худро Вазорати кишоварзии Русия.

Дар хабари Вазорати кишоварзии Русия гуфта мешавад, ки тибқи тавозуни индикативии кишварҳои ИИАО, ҳаҷми мазкури шакар то охири мавсим бояд ба шарикон аз ИИАО фиристода шавад.

### Зиён ба Тоҷикистон?

Азбаски Тоҷикистон узви Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё нест, ин тасмими Русия метавонад ба бозори дохилии мо таъсир расонад. Зеро ҳамасола ҳудуди 30 фоизи ҳаҷми воридоти шакари Тоҷикистон ба Русия рост меояд.

Масалан, Тоҷикистон қариб сеяки шакарро соли гузашта аз Русия ворид кардааст. Мутаносибан, бо манъи содироти шакар аз Русия, лозим меояд, ки тоннаҳои камбуди он аз дигар кишварҳо дастрас шавад. Вале бинобар мавҷуд набудани ашёи хом дар дохили кишвар, шакар дар Тоҷикистон истеҳсол намешавад. Ин маҳсулот пурра аз дигар давлатҳо ворид мегардад.

Тибқи маълумоти Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Тоҷикистон, соли 2023 ба кишвар 141,5 ҳазор тонна шакар ворид карда шудааст. Беш аз 45 ҳазор тоннаи он, яъне ҳудуди 32% аз ҳаҷми умумии воридот ба Русия рост меояд.

Ҳамчунин, шакар аз Покистон ҳудуди 28%, Ҳиндустон 26%, Беларус зиёда аз 12%, Эрон 1% ва дар ҳаҷми начандон зиёд аз дигар кишварҳо оварда шудааст.

### Шероз Ниёзов: Захираи кофӣ дорем!

Ба андешаи таҳлилгарон, манъи содироти шакар аз Русия ба қимматшавии нархи он дар Тоҷикистон таъсир мерасонад. Аммо аз Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мегӯянд, он чандон таъсири калон надорад. Зеро агентии мазкур ба таври кофӣ шакарро захира намудааст.

Шероз Ниёзов, сардори Раёсати таҳлил ва банақшагирии захираи давлатии агентии мазкур мегӯяд, ки Тоҷикистон бо Беларус шартномаи ҳамкорӣ дорад. Ба гуфтаи ӯ, минбаъд соҳибкорони тоҷик аз дигар кишварҳо шакар ворид хоҳанд кард.

“Баъди манъи содирот аз Русия мо бо Беларус бисёртар ҳамкорӣ мекунем. Болоравии нархи шакар акнун ба ҷониби Беларус вобаста аст, на ба воридкунандагони дохилӣ. Ин кишвар чанд моҳ пеш арзиши як тоннаро 20 доллар қиммат карда буд ва фикр намекунам, ки нарх боз ҳам боло равад. Агар боло ҳам равад, он ба нархҳои дохилӣ таъсири чандон зиёд наховад дошт, зеро мо захираи шакар дорем”,- гуфт Шероз Ниёзов.

### Воридот аз талабот бештар

Мувофиқи маълумоти оморӣ, талаботи Тоҷикистон ба шакар 120 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад. Аммо дар соли гузашта бошад, нисбат ба талаботи аҳолӣ беш аз 20 тонна зиёд шакар ворид шудааст.

Ҳоло бошад, арзиши як килограмм шакар дар бозорҳои дохилӣ 10-12 сомонӣ аст. Аммо ба мушоҳида мерасад, ки дар мавсими тобистону тирамоҳ арзиши шакар майли болоравӣ пайдо мекунад. Зеро дар ин мавсим аҳолӣ бо истифода аз шакар барои зимистон ҳар гуна шарбату шириниҳо омода мекунанд. Яъне, “бардорад, зам кун, набардорад, кам кун” ба шиори тоҷирон табдил меёбад. Дар ин ҳолат ниҳодҳои танзиму назорат, аз ҷумла Хадамоти зиддиинҳисориро зарур аст, ки пеши роҳи омилҳои сунъии болоравии нархро гиранд.

**Усмон РАҲИМЗОДА**

## ҲОҶИБОБОИ МАКТАБ

*Ё вақте муаллим ба зиёрати шогирди ҳоҷӣ меравад*

**Тайи солҳои истиқлол калимаҳои “ҳаҷ” ва “ҳоҷӣ” вирди забони мардуми мо шуд. Ин ҳам ба шарофати соҳибистиқлолии кишварамон буд, ки ба мардум озодии дину эътиқодро кафолат дод.**

Мардуме, ки ташнаи дидори Хонаи Худо буданд, ба қадри тавони худ аз ин неъмат бахраманд шуданд. Дар оғоз Арабистони Саудӣ бо зоирини аз зери султаи Шӯравӣ озодгардида имтиёз дод ва шумораи квотаро барои чунин кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон афзуд. Айни замон, мувофиқи омори маълум, дар кишвари мо тақрибан 50 ҳазор нафар ҳаҷи фарзиро ба ҷо овардаанд.

Аммо барои ҳаҷи умра ягон хел квота нест ва имрӯз тақрибан 400 ҳазор нафар Каъбаро зиёрат кардаанд (на маросими ҳаҷро аз гардани худ соқит намудаанд!), ки ин барои як кишвари на он қадар серахолӣ рақами кам нест.

Шояд хонанда суол диҳад: “Хайр, чӣ шудааст? Пули онҳо меравад ку...”.

Бошад, ширкатҳои “ҳоҷибарак” пул кор кунанду ҳам Тоҷикистон ба “Ҳоҷиистон” табдил ёбад, вале агар чуқуртар андеша кунем, чунин ҳаҷравиҳо ва “умра”-ҳои тақлидӣ (“ҳамсоя рафт ку, чаро ман наравам?”) ба зарари худи эшон аст.

Ин ҳамин тавр як гуфтаҳои ҳавоӣ не, балки воқеияти имрӯза аст ва дар ин бора ҳафтаи равон вазири корҳои дохилии Тоҷикистон, генерал полковники милиса Рамазон Раҳимзода дар вохӯрӣ бо намояндагони дин, зиёиён, устодони мактабҳо ва дигар сохторҳою созмонҳои ноҳияи Шоҳмансури пойтахт гуфта гузашт.

Ҳолатҳое буданд, ки баъд аз чунин “ҳаҷи тақлидӣ” ҳоҷии навбаромад ягона гови ҷӯшоиеро, ки ба кӯдаконаш шир медод, кушта ба ҳоҷибинон дод. Магар инро ҳаҷ гуфтан мумкин аст ва оё чунин “ҳаҷ”-ро Худованд қабул мекунад?

Аз ҳама аҷибаш он аст, ки нафари пулдоре писари мактабхонашро ба “умра” фиристодааст ва пас аз бозгашти талаба аз ҳаҷ мактабиён ӯро “ҳоҷибобои мактаб” гуфтаанд ва ҳатто баъзе аз устодони ин “ҳоҷӣ” ба ҷои он, ки чанд муддат дар куҷо будани хонандаашонро пурсанд, ӯро зиёрат рафтаанд...

Вале тавре мушоҳида мешавад, дар ҷомеаи мо теъдоди ҳоҷиҳо дар ҳоли афзоиш бошад ҳам, теъдоди "мусалмонони воқеӣ" рӯ ба камшавӣ дорад. Магар шарти аввали мусалмонӣ дониш омӯхтан ва талаби илм нест? Пас чаро имрӯз фарзандон рӯзҳо ба мактаб намераванду волидайнро парвое нест?

Магар ҳамин ба ном “диндор”-он нестанд, ки ба ҷодугару соҳирон рӯ меоранд. Магар бовар кардан ба фолбину сеҳру ҷоду ба мусалмони воқеӣ манъ нест? Ҳол он ки дар як ҳафтаи охир дар кишвар беш аз 20 фолбинон дастгир шудааст.

Бояд сари ин масоил андеша кунем? Вазир дар ин вохӯрӣ изҳор намуд, ки ҳоло дар доираҳои ҳуқуқии ҳукумат пешниҳодҳои нав вобаста ба тарбияи ҷавонону наврасон ва ҳамчунин тағйирот дар кодексҳои маъмурӣ ва ҷиноятӣ дар назар аст. Тавре мегӯянд, “дарди бадро давои бад”. Шояд калтаки қонун мардуми моро ба роҳи рост ҳидоят бикунад?!

**А. АҲМАДЗОДА, журналист**

# ДУШАНБЕ 100-СОЛА ШУД

**Ҳар шанбеи сеюми моҳи апрел дар шаҳри Душанбе Рӯзи пойтахтро таҷлил мекунанд. Душанбе таърихи тӯлонӣ надорад ва ҳамсоли Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Аммо дар давоми як аср он ба пойтахти комил, каъбаи дилҳо, маъмани тоҷикони ҷаҳон ва шаҳри умеду ормонҳои мардуми тоҷик табдил ёфт.**



### Шаҳри озодон

Устод Лоиқ Шералӣ Душанберо “шаҳри ободон”-у “шаҳри озодон” гуфтааст. 100 сол қабл Душанбе ҳамагӣ як кӯчаи кӯтоҳи хокӣ, ки ҳоло хиёбони Рӯдакист, рисолати пойтахти комилан нави тоҷикони Мовароуннаҳрро ба дӯш гирифт ва инак шаҳре шудааст бо 1 012 794 миллион аҳолӣ.

### Имрӯзи Душанбе

Душанбе дар солҳои охир шоҳиди авҷи сохтмонҳо шудааст. Симои пойтахт рӯз аз рӯз дигар мешавад. Бархе инро далели табдил ёфтани шаҳр ба як пойтахти муосир медонанд ва бо милаи 165-метрии Парчами миллӣ, бинои Китобхонаи миллӣ ва Боғи Рӯдакӣ ифтихор мекунанд. Бархеи дигар аз он нигарон ҳастанд, ки биноҳои таърихии шаҳр тахриб шуда, хотираи таърихии шаҳр ҳифз нагардид...

### Пойтахт васеъ мешавад

Душанбе ягона шаҳрест, ки дар Тоҷикистон воҳиди минтақавӣ дорад ва аз ин лиҳоз, Маҷлиси вакилони халқ ва ҳукумати иҷроияи он мақоми вилоятӣ доранд.

Соли 2021 тибқи қарори сарони кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 28-уми сентябри соли 2018 Душанбе пойтахти фарҳангии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил эълон шуд.

Имрӯз Душанбе ба 4 ноҳия чудо шудааст, ки ҳар яки онҳо маъмурияти худро доранд: Исмоили Сомонӣ, Сино, Фирдавсӣ, Шоҳмансур.

Ҳудуди Душанбе 20,32 ҳазор гектарро ташкил медиҳад. Тибқи нақшаи генералии пойтахт, ки моҳи апрели соли 2017 тасдиқ шудааст, шаҳр дар тамоми периметр, вале бештар дар самти ҷануб васеъ карда мешавад. Дар соли 2040 ба 25 ҳазор гектар ва баъд аз соли 2040 ба 30 ҳазор гектар расонидани майдони ободонии Душанбе пешбинӣ шудааст.

### Ояндаи Душанбе

Душанбеи муосир шаҳрест, ки дар он нафаси шарқи афсонавӣ эҳсос мешавад ва ҳамзамон маркази фарҳангиву иқтисодии кишвар аст.

Тибқи қарори Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ дар шаҳр то соли 2026 сад корхонаи саноатӣ бунёд мегардад.

Бунёди корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти макаронӣ, меваи хушк, ғизои кӯдакона ва дигар маҳсулоти нав бо дарназардошти талабот ва эҳтиёҷот, корхонаҳои нави истеҳсоли семент, гаҷкартон, хишт ва дигар маводи сохтмонии воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда ба нақша гирифта шудааст.

Шаҳрдорӣ қайд кардааст, ки бо бунёди корхонаҳои нав даҳҳо ҳазор ҷойи нави корӣ ташкил шуда, сатҳи зиндагии мардум баланд гардида ва сатҳи вобастагии корхонаҳои саноатии кишвар аз ашёи хоми воридотӣ паст карда мешавад.

Ҳамзамон дар оянда амалишавии лоиҳаи бо 5 роҳи дусатҳаву имкониятҳои васеъ барои ҳаракати нақлиёт, роҳи махсус барои нақлиёти ҷамъиятӣ, дучарха ва пиёдагардон дар шаҳри Душанбе бори аввал дар назар гирифта шудааст.

Инчунин бо амалишавии марҳилаи аввали Нақшаи генералӣ, яъне баъди соли 2025 дар шаҳр аввалин метроҳо низ ба фаъолият оғоз мекунанд, ки нахустинаш дар назар аст дар хиёбони Н. Қарабоев сохта шавад. Барои ҳаракати метро дар шаҳр роҳҳои ҳавоӣ сохта мешаванд.

**Сумани УБАЙДУЛЛО**

---

# ДУШАНБЕ

## Чӣ тавр як деҳа пойтахти Тоҷикистон шуд?



**Намоз ҲОТАМОВ,
доктори илми таърих,
профессор**

(Аввалаш дар саҳ.5)

### 3 бартарии Душанбе

Пас саволе ба миён меояд, ки чаро маҳз деҳаи Душанбе мақбули комиссияи тақсимоти ҳудуди миллии Осиёи Миёна гардидааст? Ҳол он ки дар он ҷаласа масъалаи пойтахти Вилояти мухтори Тоҷикистон таъин гардидани Қаратоғ эҳтимол ҷонибдорони зиёде дошт. Мувофиқи суханронии А. Ҳоҷибоев, аз эҳтимол дур нест, ки тавсияи комиссияи «тоҷикӣ» низ Қаратоғ мебошад. Ба андешаи мо, маҳз деҳаи Душанбе қарор гирифтани пойтахти дар ибтидо вилоят, баъдан Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон, дорои сабабҳои зерин мебошад:

**1.** Деҳаи Душанбе нисбат ба деҳаи Қаратоғ дар мавзеи қулайи стратегӣ ҷойгир буд. Аз Душанбе ба сӯи дараҳои Варзобу Кофарниҳон, водиҳои Ҳисору Вахш роҳҳои қулайи заминӣ вуҷуд доштанд. Аз ин нуқтаи назар, маҳз аз Душанбе бо тамоми минтақаҳо баркарор намудани робита нисбатан қулай ва осон буд. Деҳаи Қаратоғ бошад, дар камари кӯҳ маскан гирифта, роҳи баромади заминии он танҳо ба сӯи водии Ҳисор қулай буду халос.

**2.** Аз нуқтаи назари ҳарбӣ низ мавқеи ҷойгиршавии деҳаи Душанбе ниҳоят қулай ва муносиб буд. Дар ин деҳа алакай гарнизони ҳарбии аскарони сурхи шӯравӣ мавқеи мустаҳкамро ишғол карда буданд. Ин ҳолат дар он давр, ки ҳанӯз оромӣ ҷандон ҳукмфармо набуда, хуруҷҳои зиддишӯравӣ ба амал меомаданд, эҳтимол омили ҳалкунанда ба шумор мерафт. Ба ғайр аз ин, Иброҳимбек бо қувваҳои сершумори хеш ҳанӯз дар Кӯктош ва атрофи он нуфузи зиёде дошт. Лекин ҳуҷуми душман ба Душанбе душворӣ дошта, Қаратоғро ишғол намудан осонтар буд, зеро дар ин ҷо қувваҳои зиёди аскарони сурх ҷойгир набуданд. Деҳаи Қаратоғ барои аскарони сурх ба мақсади идомаи амалиёти ҷангӣ душворихо дошт, чунки дараи Қаратоғ хеле танг буд.

**3.** Қаратоғ ниҳоят маҳдуд ва масоҳати он хеле хурд буда, деҳаи Душанбе бо назардошти ҳудудҳои деҳаҳои гирду атроф нисбатан ба ин талабот ҷавобгӯ ба ҳисоб мерафт. Деҳаи Қаратоғ бошад, имкони аз ҳисоби деҳаҳои гирду атроф васеъ шуданро надошт.

### Миллати шаҳрофар

Ҳамин тавр, тоҷикон, гарчанде асрҳо боз дар инкишофи тамаддуни башарӣ, бо усули хоси шаҳрсозӣ, ба монанди Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд ва ғайра ҳиссаи босазое гузошта бошанд ҳам, вале бо сабаби нодуруст гузаронидани тақсимоти ҳудудии миллӣ дар Осиёи Миёна ба хиёнати баъзе миллатфурӯшон, аз ин гуна шаҳрҳои таърихӣ бенасиб монданд. Ҳатто шаҳри бостонии Хуҷанд ҳам то соли 1929 ба ҳайати Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон дохил намешуд.

Бо қарори комиссияи тақсимоти ҳудуди миллӣ гарчанде Панҷакенту Ӯротеппа (Истаравшан) ҳам ба ихтиёри Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон гузашт, вале амалан онҳо ҳам то соли 1926 дар таркиби бевоситаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон буданд.

Умуман Тоҷикистон дар байни ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ягона ҷумҳурие буд, ки навбофта аз таъриху фарҳанги ғаниаш, соҳиби шаҳрҳои зиёди қадима будан, пойтахти он як деҳаи назарногире, яъне Душанбе қарор гирифт. Худи ҷумҳурӣ бошад, дар як гӯшаи қафомондаи Осиёи Миёна бунёд ёфт.

14-уми октябри соли 1924 иҷлосияи 11-уми Кумитаи иҷроияи марказии (КИМ) Умумируссиягӣ қарори КИМ Туркистонро «Дар бораи ба худмухториҳои алоҳида тақсим намудани Ҷумҳурии мухтори шӯравии сотсиалистии Туркистон» маъқул шуморид. Иҷлосия ба тоҷикон ҳуқуқ медиҳад, ки ба ҷои вилояти мухтор, ҷумҳурии мухтори худро бунёд намоянд. Ҳамин тавр, 14-уми октябр рӯзи ташкилёбии Ҷумҳурии мухтори Шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба ҳисоб меравад. Аз он замон деҳаи Душанбе аз ҷиҳати ҳуқуқӣ-юридикӣ пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид.

26-уми ноябри соли 1924 дар шаҳри Тошканд органи олии давлатии Ҷумҳурии Мухтори шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон - Кумитаи инқилобӣ, ки бо номи «ревком» машҳур аст, бо сарварии Нусратулло Махсум Лутфуллоев бунёд ёфт. Ба ҳайати он кумита Чинор Имомов, Абдулло Ёрмуҳаммадов, И. Ф. Федко, Шириншоҳ Шоҳтемур ва дигарон дохил шуданд. Дар он замон ҷонишинони раис Бутабой Додобоев ва Раҳматулло Бобоҷонов тасдиқ шуда буданд.

3-юми феврали соли 1925 ҳукумати Ҷумҳурии мухтори шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати пуррааш ба Душанбе омад ва аз ҳамон лаҳза функсияи Душанбе ҳамчун пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалан оғоз гардид.

4-уми феврал дар Душанбе гирдиҳамоии серодам барпо гардид, ки дар он декларатсия дар бораи ташкилёбии Ҷумҳурии мухтори шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон қироат карда шуд. Вале декларатсия «Дар бораи бунёди Ҷумҳурии мухтори шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон» амалан 1-уми декабри соли 1926 дар анҷумани 1-уми муассисони Шӯроҳо намояндагии коргарон, деҳқонон ва аскарони сурхи ҶМШС Тоҷикистон қабул гардидааст.

Бо сабаби он ки дар он солҳо дар деҳаи Душанбе ҳеҷ як биное ба талаботи идораи давлатии ҷумҳуриявӣ ҷавобгӯ мавҷуд набуд, бинобар ин, идораҳои давлатӣ, аз ҷумла вазоратҳо, сарраввал дар хонаҳои назарногири похсагӣ ҷойгир буданд. Ниҳоят, ҳамон деҳаи назарногир дар муддати 100 сол ба ҷунин шаҳри замонавӣ табдил ёфт, ки ин натиҷаи меҳнати созандаи мардуми тоҷик аст.



# ҚАЛЪАИ ХУҶАНД

## Аз таъриху эҳё то макони сайёҳӣ

**11-уми апрел бо иштироки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хуҷанд Маҷмааи таърихиву фарҳангии “Қалъаи Хуҷанд” баъди эҳё ва барқарорсозӣ ба истифода дода шуд. Ин иншооти муҳташами таърихӣ аст, ки чун рамзи мардонагиву диловарӣ ва хештаншиносиву ватандӯстии тоҷикон ном баровардааст.**

### 6 соли эҳёву барқарорсозӣ

Тадбирҳои марбут ба эҳё ва барқарорсозии Қалъаи Хуҷанд бо ибтикори Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар давоми 6 сол бо сатҳу сифати баланд амалӣ гардид. Дар раванди эҳё ва барқарорсозии Қалъаи Хуҷанд зиёда аз 20 ширкати сохтмонӣ, шумораи зиёди ҳунармандони чирдадасти тоҷик иштирок намудаанд.

### Масоҳату таърихи Қалъаи Хуҷанд

Масоҳати умумии Қалъаи Хуҷанд 6 гектар аст. Қалъаи Хуҷанд дорои таърихи куҳан буда, ҳифзу нигаҳдории он барои муаррифии таъриху фарҳанг ва маданияти миллати тоҷик муҳим мебошад.

Қалъаи Хуҷанд таърихи се ҳазорсола дорад. Он бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд барқарор карда шудааст.

Дар асоси лоиҳа деворҳои атрофи қалъа, арку дарвозаҳои он барқарор гардида, бунёди бинои маъмурӣ, растаҳои ҳунармандон, ошхонаи миллӣ, намунаи хонаву ҳавлиҳои қадимаи шаҳри Хуҷанд, меҳмонхонаву осорхона, чойхона, растаҳои болопӯшида барои омода намудани таомҳои миллии мардуми тоҷик, ҳаммому нуқтаҳои хизматрасонӣ ва дигар иншооти ёрирасон сохта шудааст. Аз ҷумла, дар қисмати ҷанубии Қалъаи Хуҷанд мутобиқ ба талаботи замони имрӯз 8 растаи ҳунармандӣ ташкил гардидааст.

### Толорҳои намоишӣ бо санъати миллӣ

Бинои Қалъаи Хуҷанд 5 толори намоишӣ дорад. Бинои муҳташаму мунаққаши толорҳои намоишии таърихи фарҳанги халқи тоҷик, ки дар масоҳати зиёда аз 3 ҳазору 365 метри мураббаъ қомат афрохтааст, аз як гумбази асосӣ, ду гумбази миёна ва 4 гумбази хурд иборат мебошад.

Дар толори “Ҳавзаи илмӣ - адабии Хуҷанд”, ки бо санъати миллии меъморӣ наққошӣ шудааст, вобаста ба ҳаёту фаъолияти олимони Хуҷандшаҳр, шоирони номвари тоҷик ва ҳунармандони машҳур маълумот гирдоварӣ шудааст.

Дар ҳамин толор муҷассамаи 4 шахси номвари Хуҷанд - Зиёуддини Порсӣ, Шайдои Хуҷандӣ, Садруддини Хуҷандӣ ва Султон Умаров, инчунин нигораҳо вобаста ба илму адаб, аз қабили дастхатҳо, қаламдон, лавҳ, даводдон, кӯзачаву обдастаҳои навиштаҷотдор ба намоиш гузошта шудааст.



Толори “Санъати тасвирӣ ва ҳунарҳои амалӣ” харитаи маҳаллаҳои ҳунармандони шаҳри Хуҷанд ва акси ҳунармандони чирадасти вилоят ва қисме аз намунаи ҳунарҳои мардумӣ, ба монанди ҳунари рассомӣ, кашидадӯзӣ, мисгарӣ, кундалсозӣ ва созҳои мусиқиро дар бар мегирад.

Толори “Истиқлоли Тоҷикистон” аз барелеф, ки аз тарафи ҳунармандон Даврон Раҳматзод ва Мунира Турсунова омода гардидааст, шуруъ мешавад. Ин барелеф аз эълон гардидани Эъломияи Истиқлол оғоз гардида, дар он давраҳои ҷанги шаҳрвандӣ, раванди Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбари давлат интихоб шудани Эмомалӣ Раҳмон, татбиқи ҳадафҳои стратегӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ, сиёсати дохилию хориҷии кишвар инъикос ёфтааст.

Дар қисмати таҳхона толори намоиши бозёфтҳои бостонии минтақаи миёнаоби Сирдарё, сиккаҳои гуногуни давраҳои таърихӣ ва дигар нигораҳо ҷойгир карда шуда, ҳамзамон ҷой барои баргузории конфронсу ҷаласаҳо, мулоқоту вохӯриҳо, ҳуҷраҳои хизматию техникӣ ва устохонаҳои рассомӣ мавҷуд мебошад.

### Маҳаллаи Хуҷанди қадима

Маҳаллаи Хуҷанди қадима дар қисми шимолу шарқии қалъа ҷойгир аст. Хонаву ҳавлиҳо асосан мансуби табақаи коргар, тоҷиру ҳунарманд ва дигар қишри ҷомеаи мадании шаҳр аст. Эҳё ва бунёди он имкон фароҳам меорад, ки анъанаҳои қадимаи шаҳрнишинӣ дар Хуҷанд ба ҷаҳониён муаррифӣ карда шаванд.




Аз ин пас дар ин 8 ҳавлии қадима, ки масоҳати ҳар кадоми он 6 садяк заминро дар бар мегирад, ҳунармандон ба хаттотӣ, кундалнигорӣ, рассомӣ, наққошӣ, қолинбофӣ, адрасбофӣ, сӯзанидӯзӣ, дуредгарӣ, дӯзандагӣ, сангтарошӣ, оҳангарӣ ва кулолгарӣ машғул мешаванд.

Дар ин ҷо ҳамзамон ҳаммом, меҳмонхона ва чойхонаи миллӣ ҳамчун рукни маҳалладории таърихӣ сохта шудааст.

Дар шафати чойхонаи миллӣ растаи омода кардани нону самбӯсаҳои гуногун ва номгӯи зиёди таомҳои миллӣ бо фарогирии чор оташдон ва танӯр сохта шудааст.

### Суҳбаткадаҳои чӯбӣ

Дар ҳудуди қалъа бунёди ду фаввораи калон ва чор суҳбаткадаи чӯбӣ, ки аз ҷониби ҳунармандони чирадасти шаҳри Исфараи вилояти Суғд бо роҳнамоӣ ва маслиҳату машварати Усто Бурхон ба таври барҷаста кандакорӣ карда шудааст, ба зебогии ин мавзеи таърихию фарҳангӣ шукӯҳу шаҳомати бештар мебахшад.



### Дар куҷо ҷойгир аст?

Қалъаи таърихии Хуҷанд дар маркази шаҳр, дар соҳили рости дарёи Сир ҷойгир аст. Қалъаи Хуҷанд ба рӯйхати 10 мавзеи ҷолиби сайёҳии Тоҷикистон шомил мебошад.



## 4 КИТОБ БАХШИДА БА ҶАШНИ УСТОД АЙНӢ

**Бахшида ба 146-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, Сардафтари адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ 4 китоб ба нашр расониданд. Дар ин бора Фарангис Шарифзода, директори пажӯҳишгоҳи мазкур хабар медиҳад.**

**1. Садриддин Айнӣ. Мир Алишери Навоӣ.- Душанбе: "Дониш", 2024.- 275 саҳ.**




Ин асар бори аввал соли 1948 ва баъдан дар соли 1963 дар ҷилди 11 (китоби якум)-уми Куллиёти устод бо номи "Алишери Навоӣ" ба табъ расида буд. Нашри ҳозирро адабиётшинос Шамсиддини Муҳаммадӣ дар асоси чопҳои ёдшуда ва муқоисаву муқобала бо дастхати устод ва такмилу тасҳеҳи иловагӣ ба чоп омода кардааст.

Дар ҷилди китоб зикр шудааст, ки он "тухфаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аҳли илму адаб мебошад".

**2. Садриддин Айнӣ. Мактубҳо.- Душанбе: "Дониш", 2024.- 720 саҳ.**




Китоби мазкур нашри дуввуми "Мактубҳо" бо тасҳеҳ, такмил ва иловаҳо мебошад, ки аз ҷониби Анзурати Маликзод ва Гулбаҳор Усмонова ба нашр омода шудааст.

Мукотиботи Садриддин Айнӣ бори аввал дар асоси маводи Бойгонии Осорхонаи адабии Устод Айнӣ, Бойгонии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, маҷаллаву рӯзномаҳои дар солҳои гуногун ба нашр расида ва маҷмуаву ёддоштҳо ва китобҳои адибону олимон ва шогирдону ҳамнаслони эшон ба шакли нисбатан комил мураттаб ва пешниҳоди хонанда мегардад. Ин китоб низ тухфаи Президенти кишвар бахшида ба зодрӯзи устод Айнӣ мебошад.

**3. Абдухолиқи Набавӣ. Нигоҳе дигар ба рӯзгору осори устод Садриддин Айнӣ.- Душанбе: Дониш, 2023.- 380 саҳ.**




Маҷмӯаи мазкур фарогири мақолаву пажӯҳишҳои муаллиф оид ба масъалаҳои мубрами рӯзгору осори пурбору мураккаб, қаҳрамононаву пур аз ибтикороти устод Садриддин Айнист, ки дар забону адабиёт, илму фарҳанг ва маънавияти нави тоҷикии садаи XIX-XX марҳалаи сифатан наверо боз кардааст. Хоса назари навбин ба осори устод, ба арсаи таҳқиқ баровардани таълифоти то имрӯз номаълум ва баркарор кардани осори бар асари сонсурҳои идеолоҷӣ "кайчӣ"-шудаи эшон ва комил кардани назари илмӣ дар бораи эҷодиёти устод аз вазифаҳои асосии муҳаққиқ будааст.

**4. Ҷамолиддин Саидзода. "Намунаи адабиёти тоҷик" "Шоҳнома"-и дигар аст.- Душанбе: Дониш, 2024.- 416 саҳ.**




Муаллиф китоби хешро "Дастури ватандӯстӣ ва худогоҳии миллӣ" унвон карда, онро ба муносибати 100-солагии нашри "Намунаи адабиёти тоҷик" (2026) чоп кардааст. Дар рисола аз таъсирпазирии устод Айнӣ, мубориза ӯ бар зидди таклиди Бедил, вазъи забон ва адабиёти тоҷик, баҳои Айнӣ ба Туғрал ва осори вай, Айнӣ ва худшиносии миллӣ, Айнӣ ва алифбои арабӣ, бурду бохти айнишиносӣ дар замони истиқлол ва ғайра изҳори назар шудааст.



## НАШРИ КИТОБИ НАВИ АМИНА ШАРОФИДДИНОВА

**Дар арафаи зодрӯзи устод Садриддин Айнӣ китоби нави пажӯҳишгари самарқандӣ Амина Шарофиддинова таҳти унвони "Сеҳри каломи устод Айнӣ" ба нашр расид.**




Китоби мазкур маҷмӯаи мақолаҳои муаллиф буда, давоми 30 соли охир таълиф гардидаанд. Аксари мақолаҳои китоб ба таҳқиқи забони осори устод Айнӣ (махсусан ба таҳқиқи ибораҳои рехтаи романи "Ғуломон") бахшида шудаанд.

Амина Шарофиддинова муаллифи китобҳои «Забони модарӣ» (китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 7), «Хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва услубии воҳидҳои фразеологии романи «Ғуломон»-и Садриддин Айнӣ» (Тошканд, 2016), «Нишони некномӣ» (2016), "Дар ҳасрати фаҳми дуруст" (2023), ҳамчунин муаллиф, мураттиб ва муҳаррири даҳҳо китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ барои омӯзгорони мактаби тоҷикзабони Ӯзбекистон аст.

## АЙНИИ ДИГАР

**Дар таърихи адабиёти мо суханварони дигаре низ бо тахаллуси «Айнӣ» кору эҷод кардаанд. Яке аз онҳоро Хоҷа Ҳасани Нисории Бухорой ном тазкиранависи маъруфи асри XVI дар тазкираи «Музаккири аҳбоб» муаррифӣ кардааст.**

**ДАР ЗИКРИ ҶАМИЛИ МАВЛОНО АЙНӢ**

(Аз толибилмони уламои муътабар аст. Пайваста дар пайи касби фазоил мебуд ва дар масоили илмӣ гуфтушунуд менамуд). Рӯзе, ки санад-ул-муҳаддисин - Мавлоно Муставфии Румӣ - тоба сараху, дарси Мишкотро тамом карданд, таърихи итмомаш чунин гуфта:

**ТАЪРИХ:**

*Дар Фохира фахри Маккаву Ясрибу Шом,*
*«Мишкот»-и ҳадис гуфт бо ҷамъи аном.*
*Итмоми ҳадиси Мустафо чун гардид,*
*Шуд «тамма ҳадис» рамзи таърихи тамом.*

Пас ин ҷӯёи илм — Айнӣ дар асри XVI зиста ва аз олимони муътабар дарс гирифта, пайваста фазлу донишашро афзуда, дар баҳсу баррасиҳои илмӣ ширкат мекарда ва аз таърихгӯёни он замон будааст.

Бояд ёдовар шуд, соли равон МД «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ» тазкираи «Музаккири аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисории Бухороиро бо кӯшиш ва таҳияву тасҳеҳи адабиётшиноси ҷавон Замира Мансурӣ таҳти назари профессор Замира Ғаффорӣ ва вероиши Баҳром Раҳматов нашр кард.

**С. АЪЗАМЗОД,**
**адабиётшинос**

## ДУ АСАРИ УСТОД АЙНӢ ДАР АМРИКО

**15-уми апрел дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон бахшида ба 146-умин солгарди мавлуди устод Садриддин Айнӣ маросими рӯнамоии китоби "Ҳамосаи миллии Тоҷикистон. Исёни Муқаннаъ ва Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик", ки дар Амрико нашр шудааст, сурат гирифт.**






Китоби мазкур дар тарҷумаи профессор Абдусалом Мамадназаров дар таҳрири профессори амрикоӣ Ҷонатан Зарман тариқи нашриёти "Роутлиҷ" дар шаҳрҳои Лондон ва Ню-Йорк чоп шудааст. Ба ин китоб академик Муҳаммадюсуф Имомзода сарсухани муфассал навиштааст, ки дар он рӯзгору осори устод Садриддин Айнӣ ба ҷомеаи англисзабон муаррифӣ гардидааст.

"Агар шумо номи китобро дар интернет ҷустуҷӯ кунед, мебинед, ки алакай 120 китобхонаи ҷаҳон онро харидорӣ кардаанд. Ин китоб аллакай дар китобхонаҳои бузурги Амрико, Аврупо, Австралия, кишварҳои арабӣ ва ғайра дастрас аст",- гуфт дар маросими рӯнамоӣ профессор Абдусалом Мамадназаров.

"Ҳамосаи миллии Тоҷикистон" танҳо тарҷумаи ду асари устод Айнӣ набуда, балки рисоли бузурги илмиро мемонад, зеро дар он шарҳу тавзеҳоти илмӣ, зиндагиномаи мукаммали нависанда, шарҳи маконҳои ҷуғрофӣ ва калимаву ибораҳои душворфаҳм низ замима гардидааст.

"Мо талош кардем, ки хонандаи англисзабон бо мутолиаи ин китоб ҳам устод Айниро бишносад ва ҳам ду асари муҳими устодро ба таври комил фаро бигирад",- гуфт Абдусалом Мамадназаров.

Ёдовар мешавем, ки китоби мазкур дар интернет дастрас мебошад.

# ТОҶИКОНРО БА ҶАНГ ҶАЛБ МЕКАРД...

**- Дар фурудгоҳи Алмаато як шаҳрванди Русия боздошт шуд, ки барои ҷалби ғайриқонунии шаҳрвандони хориҷӣ дар даргириҳои низомӣ дар қаламрави кишварҳои дигар тахти ҷустуҷӯи байналмилалӣ қарор дошт,- хабар медиҳад дафтари матбуоти Вазорати корҳои дохилии Қазоқистон.**



“Муайян карда шуд, ки ин мард моҳи сентябри соли 2023 барои ғайриқонунӣ ҷалб ва иштироки шаҳрвандони Тоҷикистон ва шахсони бешаҳрванд дар воҳидҳои мусаллаҳ, даргириҳои мусаллаҳона ё амалиёти низомӣ дар қаламрави дигар давлатҳо тахти ҷустуҷӯи байнидавлатӣ қарор доштааст”,- омадааст дар иттилоияи ин ниҳод.

Мард, ки шаҳрванди 32-солаи Русия будааст, рӯзи 11-уми апрел ҳангоми вуруди ҳавопаймое, ки аз фурудгоҳи Внуково ба Алмаато парвоз мекард, боздошт шудааст. Ҳоло ӯ дар боздоштгоҳи муваққатӣ қарор дорад.

Дар Тоҷикистон ширкат дар амалиёти низомӣ дар қаламрави кишварҳои хориҷӣ тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ дорад. Ин банди қонунгузорӣ маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз 12 то 20 сол муқаррар намудааст.

# БА ХОТИРИ МАБЛАҒ

## Ҳамватанашро дар ғарибӣ 60 корд зад

**Субҳи 12-уми апрели соли 2024 ҷасади оғӯштаи хуни як марди ношиносро бо захмҳои зиёд дар баданаш дар шаҳри Павловскийи ноҳияи Пушкин дар канораҳои шимолушарқии шаҳри Санкт-Петербурги Русия пайдо карданд.**



Пойгоҳи хабарии “Патрульный Петербурга” хабар дод, ки кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҷои ҳодиса омада, муайян карданд, ки марди кушташуда шаҳрванди 43-солаи Тоҷикистон аст. Алакай баъди чанд соат бо изи гарм дар хиёбони 9-уми январ дар канораҳои ҷанубии Петербург, тақрибан 20 километр дуртар аз ҷои ҳодиса бо гумони қатли ҳамватанаш як ҷавони 27-солаи зодаи Тоҷикистонро дастгир кардаанд.

Бино ба фарзияи тафтишот, ӯ ҳамватани худашро бо чунин шеваи бераҳмона барои ҳамагӣ 23 ҳазору 500 рубл, ё 250 доллар пули қарз куштааст. Тафтишот гуфт, ҷавони тоҷик ба бадани ҷабрдида, ки гӯё аз вай қарздор будааст, беш аз 60 зарбаи корд зада, баъди куштани ӯ телефони мобилиашро гирифта, тавассути он аз ҳисоби марди кушташуда 23 ҳазору 500 рубл пули қарзашро ба корти бонкии худ гузаронидааст ва сипас телефонро дар як макони ҳанӯз мушаххасношуда партофтааст.



# БА ХОТИРИ ИШҚ

## Қасди худкушӣ дар рӯзи ид

**Рӯзи 10-уми апрели соли 2024, дар рӯзи Иди саиди Фитр, дар шаҳри Краснодар дар ҷануби Русия як марди 39-солаи зодаи Тоҷикистон дар ҳолати мастӣ дар кӯча, дар байни мардум рагҳои дастонашро бурида, қасди ҷони худ кардааст.**

Дар милитсияи Краснодар бо тасдиқи ин ҳодиса гуфтаанд, ки бар асоси маълумоти бадастомада, ин муҳоҷири тоҷик аз духтари дӯсташ ҷавоби рад гирифта, даст ба чунин кор задааст.

Сухангӯи Раёсати корҳои дохилии шаҳри Краснодар Артём Коноваленко хабар дод, ки шаҳрванди Тоҷикистон, соли таваллудаш 1985, дар истгоҳи автобус дар кӯчаи Мачуги дар маҳаллаи Гидростроители бо як олати тез дастонашро буридааст ва дар натиҷа хунаш рафтааст. “Ба ин мард кумак расонида шуд, ӯ зинда аст”,- афзуд Коноваленко.



**Вазорати корҳои дохилӣ боздошти шаҳрванди Тоҷикистон Сайраҳмонзода Илҳомро дар Италия тасдиқ кард.**

Тибқи иттилоъ, боздоштшуда узви ташкилоти экстремистӣ-террористии "Давлати исломӣ" буда, дар шаҳри Руми Италия дастгир карда шудааст. Номбурда аз ҷониби БММ Интерполи ВКД ҶТ аз моҳи июли соли 2018 барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ-террористӣ дошта дар ҷустуҷӯи расмӣ қарор доштааст.



**Милитсияи пойтахт блогери ҷавон Ҳалимов Ф.-ро, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ бо номи “Фаррух” мешиносанд, барои паҳн кардани наворҳои бадахлоқона боздошт кардааст.**

Гуфта мешавад, ки Ҳалимов Ф. барои паҳн намудани наворҳои ғайриахлоқӣ қаблан расман огоҳонида шуда бошад ҳам, вале амалу кирдорҳои ношоистаи худро идома додааст. Дар яке аз наворҳои ахираш ҳатто модарашро таҳқир кардааст.



**Дар Маскав муҳоҷирони тоҷикро барои занозанӣ дар як сохтмон боздошт ва ҷарима карданд.**

Қаблан дар шабакаҳои Telegram наворе паҳн шуда буд, ки дар он даҳҳо коргар дар як сохтмон занозанӣ кардаанд. Бар асоси ин далел, ситоди марказии Кумитаи тафтишотии Русия дар робита ба авбошӣ парвандаи ҷиноятӣ боз кардааст. Баъдан РИА “Новости” хабар дод, ки миёни боздоштшудагон 16 шаҳрванди Тоҷикистон ва 14 шаҳрванди Ӯзбекистон будаанд.

# 8 ФОИДАИ ОБИ ХУЧ БА САЛОМАТИИ ИНСОН

**Аксари табибон ба маризон ба ҷойи чой оби хуч (шиповник) нӯшиданро тавсия медиҳанд. Ин албатта бесабаб нест. Хуч саршор аз витаминҳо ва моддаҳои дигари муфид буда, ба саломатии инсон фоидаи зиёде дорад. Имрӯз мо дар бораи манфиатҳои хуч ба шумо маълумот медиҳем.**



**1.** Хуч манбаъи ликопин ва витаминҳои A, B, E, K мебошад, ҳамчунин дар таркибаш оҳан, магний ва дигар моддаҳои минералии фоиданок дошта, нӯшиданаш бениҳоят муфид аст. Оби хуч асабро ором ва ҷисми инсонро пуркувват намуда, ба барқароршавии ҳуҷайраҳо мусоидат менамояд. Тадқиқотҳои олимон собит намудаанд, ки дар таркиби хуч нисбат ба лимӯ, мандарин ва аплесин 60 маротиба бештар витамини С вуҷуд дорад. Ин витамин иммунитети инсонро пуркувват гардонида, ба мубориза бар зидди вирусу микроб ва бемориҳои сироятӣ тобовар месозад.

**2.** Фоидаи дигари хуч дар он аст, ки ба ҳазми ғизо ёрӣ мерасонад. Оби хуч дар таркибаш пектин дошта, рӯдаҳоро ба хуб кор кардан водор месозад. Шахсоне, ки пайваста оби хуч менӯшанд, аз сахт шудани дарун (запор) азият намекашанд, бар замми ин, хуч дар мубориза бо кирми рӯда ва дигар бактериву микробҳое, ки ба системаи ҳозима ворид мешаванд, ёрӣ мерасонад.

**3.** Боз як сабаби дигаре, ки инсонро ба нӯшидани оби хуч водор месозад, хоҳиши солим мондани дил аст. Оби хуч дар мубориза бо бемориҳои дил ва рагҳои хунгарди он ёрӣ мерасонад ва бар замми ин, сатҳи холестеринро дар хун паст мекунад. Хуч дар таркибаш витамини К дошта, ба лахташавии хун мусоидат менамояд. Аммо зиёд нӯшидани оби хуч ба шахсоне, ки аз тромбози рагҳои хунгард ва тромбофлебит азият мекашанд, тавсия дода намешавад.

**4.** Дар таркиби хуч антиоксидантҳои бисёр қавӣ мавҷуд буда, туфайли ҳамин хусусияташ бо радикалҳои озод фаъолона мубориза мебарад. Пайваста оби хуч нӯшидан хатари ба бемориҳои сироятӣ гирифтор шуданро ба маротиб кам мекунад.

**5.** Хуч манбаи витамини А буда, пӯсти инсонро нафис, зебо ва пуртароват мегардонад. Тез-тез оби хуч нӯшидан касро аз пирии бармаҳал эмин дошта, ба чеҳрааш ҷавонию зебоӣ мебахшад. Исбот шудааст, ки пайваста оби хуч нӯшидан коллагенро зиёд намуда, барои халосӣ аз наракхо, доғҳои пӯст ва офтобсӯхтагӣ ёрӣ мерасонад. Хоҳед, ки захмҳои шумо зудтар шифо ёбанд, бештар оби хуч бинӯшед.

**6.** Имрӯзҳо бо сабаби норасоии оҳан аксари одамон, махсусан занҳо ва кӯдакон ба бемории камхунӣ гирифтор мешаванд. Роҳи аз ҳама осони халосӣ аз ин мушкил бештар оби хуч нӯшидан аст. Хуч ба ҷисми инсон барои аз худ намудани оҳан ёрӣ мерасонад.

**7.** Тадқиқотҳои гузаронидаи олимони соҳаи тиб исбот намудаанд, ки хуч дар мубориза бо бемориҳои илтиҳобӣ давои беҳтарин аст. Оби хуч ҳамчунин намакро аз организми инсон мебарорад. Касоне, ки сутунмуҳра ё пойҳояшон намак дорад, бояд бештар оби хуч нӯшанд. Хуч ба гирифторони бемориҳои артрит ва остеоартрит низ фоида дорад.

**8.** Шарбати хуч дар таркибаш ликопин дорад. Ин модда махсусан барои саломатии чашмони инсон фоиданок мебошад. Исбот шудааст, ки хуч хатари ба бемории катаракта ва дигар касалиҳои чашм гирифтор шуданро кам месозад. Шахсоне, ки ба иллатҳои чашм гирифторанд, агар бештар оби хуч бинӯшанд, шиддати бемориашон паст шуда, холашон рӯ ба беҳбудӣ меорад.

МАСЛИҲАТ

## ПЕШГИРӢ АЗ ПИРӢ

**Ин шабу рӯз ба бозорҳои кишвар қулфинаи тару тоза ворид шуд. Аксарият ин буттамеваро дӯст медоранд. Мо ба шумо дар бораи фоида ва зарари он маълумот медиҳем.**

Қулфинай ё тути заминӣ гиёҳи бисёрсола аст. Дар таркиби меваи он қанд, кислотаҳои органикӣ, клетчатка, моддаҳои пектинӣ, витаминҳои C, E, B1, B2, B6, B15, каротин (провитамини А), микроэлементҳо мавҷуд аст.



Дар тиби қадим тути заминӣ воситаи муҳими парҳезӣ ва давобахш махсуб мешуд. Табибони тибетӣ онро барои пешгирии пирӣ истифода мекарданд.

Табибони халқӣ меваи тару хушк, афшура, барг ва решаи тути заминиро ҳангоми бемориҳои гуногуни ҷигар (холесистит, зардпарвин, гепатити кӯҳна, дарди санги талхадон), роҳи меъдаю рӯдаҳо (гастрит ва энтероколити музмин, бавосир ва ғ.), узвҳои пешоб (қабзияти пешоб, дарди санги масона), инчунин дар мавриди табларза (чун давои арақовар), камхунӣ, тарбод, никрис ва ғайра истифода мебаранд. Бо афшураи тути заминӣ доғи кунҷидак ва гармичаро меравонанд. Бахри рафъ намудани бӯйи нохуши даҳон бо афшураи мева ва барги он ғарғара мекунанд. Меваи тути заминиро барои табобати никрис, назлаи меъда, қабзият, ғалаёни хун, атеросклероз, афтодани кирмҳо ба кор мебаранд. Бо марҳами меваи тути заминӣ шукуфаро дармон мебахшанд. Ҷӯшоби меваи хушки он воситаи арақовар ва пешоброн, ҷӯшоби решааш воситаи хунбанд ва қабзиятовар аст.

## Толеънома



**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

Тамоми неруи худро барои ҳал намудани мушкилоти молиявӣ равона созед. Бо шарофати кордонӣ мушкилоти пулиро хеле хуб рафъ месозед. Ҳафтаи хубест барои пешравӣ дар касбу кор. Нимаи дуюми ҳафта вазъи саломатиятон рӯ ба беҳбудӣ меорад.



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

Дар ҳама кор андозаро нигоҳ доред, рафтори беандеша бар зарари худатон мегардад. Ба хабару маълумоте, ки дар ин ҳафта тавассути интернет ё телефон мешунавед, бовар накунед. Дар муносибатҳои ошиқона рашк сабаби моҷаро мегардад.



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

Мушкилиҳоеро, ки садди роҳи пешравӣ дар касбу коратон мегарданд, бо муваффақият рафъ месозед. Ҷасорат пайдо карда, сари қарори муҳим меоед. Дар ҷодаи муҳаббат аз иштибоҳ кардан наҳарсоед, бечуръатиро аз худ дур созед.



**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

Дар ҳама кор ба садои қалби худ гӯш андозед. Шӯхиҳои бемавридро ба дил наздик нагиред ва ҳангоми муошират бо атрофиён дурушт гап назанед. Рафтори ғайриоддии ошиқатон шуморо ба ваҷд меорад. Мушкилоти молиявиро сарбаландона рафъ месозед.



**Савр**
**21.04 - 21.05**

Барои он ки мушкилоти ба саратон омадаро дуруст ҳаллу фасл намоед, кунҷи танҳоӣ ихтиёр намоед. Давоми ҳафта аз ҷойҳои серодам дурӣ ҷӯед. Азбаски масуниятатон заиф аст, гирифтори зукому грипп шуданатон имконпазир аст.



**Асад**
**23.07 - 22.08**

Нимаи аввали ҳафта барои табобати бемориҳои музмин мусоидат мекунад, аз ташхис гузашта, аз пайи табобат шавед. Нафароне, ки дар ҷустуҷӯи ҷои кор ҳастанд, кори мувофиқ пайдо мекунанд. Дар вақтҳои бекорӣ хонаву дари худро аз чизҳои нодаркор холӣ кунед.



**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

Дар ин ҳафта зодагони бурҷи ақраб ба қувваву имкониятҳои худ чандон эътимод надоранд. Танҳо бо кумаку дастгирии дӯстон ё шарикони корӣ худро устувор эҳсос мекунед. Хушбахтона, мушкилиҳои ногаҳониро сарбаландона рафъ месозед.



**Далв**
**21.01 - 19.02**

Барои он ки хароҷот дар ин ҳафта зиёд нашавад, пешакӣ рӯйхати маҳсулоти лозимаро тартиб дода, баъдан ба бозору мағоза равед. Маҳси бадан, оббозӣ ва йога ба саломатиятон фоида мерасонад. Нисбати дарди миён беэътиноӣ зоҳир накунед.



**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

Аксарияти зодагони бурҷи ҷавзо дар ин ҳафта қобилияти пешгӯӣ кардани ҳодисаҳоро пайдо мекунанд. Нақшаву нияти атрофиёнро аз чашмашон хонда метавонед. Неруятон чунон баланд мегардад, ки бемориҳои мавсимӣ ба шумо асар карда наметавонанд.



**Сунбула**
**23.08 - 22.09**

Шумо аз мушкиле ҳарос надоред, вале қабл аз он ки ба коллективи нав ворид мегардед, сифатҳои беҳтарини инсонӣ, аз қабили поквиҷдонӣ ва қадршиносиро фаромӯш насозед. Ёди ишқи дерин аз нав рӯ зада, ба зиндагиятон таъсири худро мегузорад.



**Қавс**
**25.11 - 21.12**

Сафарҳои аҷибу муфид шуморо интизор аст. Бо нафаре вомехӯред, ки кайҳо ӯро ба гӯшаи фаромӯшӣ андохтаед. Дар муносибатҳои ошиқона кӯшиш намоед, ки муҳаббат ақлу хушатонро набарад. Вазъи саломатиятон хуб аст, рӯҳану ҷисман худро беҳтар ҳис мекунед.



**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

Нафаре аз атрофиён ба шумо фишор меорад. Дар ҳама ҳолат оромиро аз даст надода, бештари вақти худро дар танҳоӣ гузаронед. Бо гиряву рӯҳафтодагӣ аз мушкилиҳо халос намешавед, бо варзиш машғул шаведу истироҳат кунед.

# ХУШБИН, ХУШЧЕҲРА, ХУШГӮЙ ВА ХУШБАХТ

(Аввалаш дар саҳ.6)



Дар гӯшаи мизаш китоби бузургҳаҷму муқовағафси шодравон Мирзо Боқӣ ба назар мерасид. Устод Сорбон шигифтомез пурсид:

- Меҳмонҷон, ин чист?

- Ин балогардони ман,- посух шунидем.

- Чӣ хел балогардон?

- Баъзе адибтарошон наздам меоянд ва исроркорона хоҳиш менамоянд, ки ба узвияти Иттифоқ бипазиремашон. Ман мегӯям: «Ин китобро дидӣ? Нуҳ-даҳ кило вазн дорад. Мо ҳанӯз муаллифи чунин китоби азимро ба узвият қабул накардаему ту меҳоҳӣ бо ҳамин китобчаат узви Иттифоқ шавӣ?

Ва муддаӣ узр хоста, баромада меравад.

Дар ҳуҷраи муовини имрӯзаи раиси Иттифоқи нависандагон Ато Мирхоҷа маҷлисе ҷараён дошт. Дар фарҷоми он Меҳмон Бахтӣ ворид гашт. Пас аз адои салом гуфт:

- Акнун ба ҳамаи шумо ҷавоб! Ману Ато бояд як масъалаи байналмилалиро ҳал бикунем.

Мо хандазанон баромадем.

Рӯзи дигар Меҳмон Бахтиро воҳӯрда, пурсидем:

- Устод, бо Ато Мирхоҷа кадом масъалаи байналмилалиро ҳал кардед?

- Муноқишаи Русияву Украинаро.

- Чӣ гуна?

- Мо маслиҳат додем: «Рафиқон, гоҳ ҷанг кунед ва гоҳ дам гиред, гоҳ дам гиред ва гоҳ ҷанг кунед». Ҳоло онҳо мувофиқи ҳамин машварати мо амал ба роҳ мондаанд.

Пас аз чанд рӯз дар назди дорухонаи рақами 1 бо ӯ дучор гаштам. Пурсидам:

- Устод, боз ягон масъаларо ҳал кардед?

- Ҳа, масъалаи ҳамин кӯчаро. Ман ба роҳгузарон гуфтам: «Бародарону хоҳарон, рафтуомад ихтиёрист, касе поён рафтан хоҳад, марҳамат, поён равад, касе боло рафтан хоҳад, марҳамат, боло равад!». Ҳамин тавр, боз як масъалаи муҳим ҳалли худро ёфт.

Дар ошхонаи «Тим» бо гурӯҳе аз рафиқон ғизо меҳӯрдем. Меҳмон Бахтӣ пештар аз мо сари мизе нишаста будааст. Баъди чанде наздамон омад ва пурсид:

- Чӣ хизмат бикунам?

- Ягон хизмат лозим нест, устод!

- Не, ман бояд хизмате бикунам.

Ва ҷониби хазинадорӣ рафту баргашт.

- Устод, мо таоми якум ҳам хӯрдему дуюм ҳам. Чӣ ҳоҷат ба пул сарф кардани шумо?,- гуфтем.

- Бепарво бошед, ин хизмат ба ман бепул ғалтид.

- Чӣ хел бепул?

- Ман ба хайати пешхизматҳо фармудам: «Ҳо ҳамон мизро мебинед? Ба бачаҳое, ки он ҷо нишастаанд, ҳар хӯрданию нӯшидание хоҳанд, аз ҳисоби худашон бурдан гиред!».

Замоне мавсуф дар беморхонаи Қарияи Боло мехобид. Камина ва зиндаёд Гулназар дастовезе гирифта, ба дидорбинияш рафтем. Вақти хайрбод Меҳмон Бахтӣ гуфт:

- Рафиқон, ман дар муддати даҳ рӯзи табобат майна об карда, ба хулосаи муҳиме омадам. Инро ҳатман ба самъи хардуятон расониданам лозим.

- Чӣ хулоса, бишнавем-ку?,- гӯшбақимор шуд устод Гулназар.

- Хулосаи муҳим ин ки, аз беморӣ саломатӣ авлотар будааст!

Дар яке аз маҷлисҳо ба Меҳмон Бахтӣ сухан доданд. Ӯ ба саҳна баромад ва изҳор намуд:

- Ҳозирини мухтарам, пешакӣ огоҳ мекунам. Медонам, ки шумо суханронии маро дӯст медоред, лекин вақти ман бехад кам аст, аз ин сабаб ҳамагӣ се-чор соат гап мезанам.

Басе дилкушоду дасткушод буд. Ҳар вақт-ҳар вақт ба Иттифоқи нависандагон меомад ва сарфи назар аз нею нестони мо чанд нафарро бо худ ба ошхона мебурд. Зимни ҳисобӣ мо мехостем, ки ҳисса гузорем. Намегузошт:

- Бузурге маро насиҳат карда буд, ки "ҳаргиз баъди истеъмоли хӯрок аввалин шуда, даст ба киса набар, саросемагӣ оқибати хуб надорад". Шумо низ саросема нашавед.

Агар шахсе бе иҷозати устод пули ғизо мепардохт, ӯ мегуфт:

- Хайр, майлаш, чӣ чора, бар ивазаш ман ҳатман шуморо сиюякуми феврал зиёфат медиҳам...

Ҳазломез мулзам кардани атрофиёнро дӯст медошт. Баъзан дар ошхона аз бунувони хидматтор мепурсид:

- Чӣ навъи таом доред?

- Ҳамааш ҳаст.

- Бисёр хуб, пас, барои ман оҳубирён, барои додарам Салимҷон гавазнбирён биёред.

- Ин хел чизҳо надорем.

- О, «ҳамааш ҳаст» гуфтед-ку!

Бештари мардон гуфтану шунуфтани латоифи пурқадоҳатро меписанданд. Воруна бар ин, мутоибаву аскияҳои Меҳмон Бахтӣ меҳмонбахтивор буданд, яъне нарму руҳбахшу меҳрогаанда, бе корбасти суханҳои фоҳишу дилбечокунанда. Баъзе шӯхиву базлаҳояш аз назокату нафосате таркиб меёфт, ки ҳатто зумрае одамон ба жарфои онҳо сар фурӯ бурдан ва аз онҳо лаззат ёфтан наметавонистанд.

Тавре нигоштем, дар назди хосу ом равоншод худро ҳамеша кушодачабину хандонлаб вонамуд мекард. Чунин вокеъ ҳам шуд, ки банда рӯзе шоҳиди андуҳзадагии ниҳониаш гаштам. Як шомгоҳ дукаса дар қаҳвахонае менишастем. Зимни суҳбат ҷасорат зохир карда, дилҷӯёна гуфтам:

- Устод, аз вафоти янгаамон хеле муддат гузашт, шароити мусоид доред, ҷаро бонуеро ба завҷагӣ намепазиред?

- Ман натанҳо зан гирифтан, балки бо занҳо дуруст гап задан ҳам наметавонам,- нимшӯхиву нимҷиддӣ посух дод.

- Барои чӣ?

- Барои он ки доимо дар тахти назорати ҳамсари худ ҳастам.

Камина гумон кардам, ки руҳи янгаро дар назар дорад. Вале ӯ ба кисабағали кастумаш даст андохт ва аз он акси рангаи андозаи шаш ба нуҳи Зебохонумро берун овард. Тӯли солиёни зиёди ошноӣ нахустин бор дар чашмони устод сояи ғамро баръло дидам.

- Аз ин сир фақат ту бохабарӣ. Ба дӯстонамон нагӯ, мабодо хандасор шавам.

Маълумам гардид, ки барои бонувони шиносу ношинос суханони лутфомезу шахдангезро дареғ надошта, меҳру мухаббати меҳмонбахтиёнаи худро барои ягонаи дилаш ҳифз мекардааст. То дараҷае, ки сурати ӯро дар ҷайб мегардонидааст.

Чаро банда ин ҷо бештар ҳазлкашиву ҳозирҷавобии устодро хотирнишон кардам? Зеро агар осори ҷолибашро хондан хоҳем, китобҳояшро варақ мезанем. Вале агар хумори чеҳраи пурзиё ва суҳбатҳои пурмуҳаббаташ ғолибамон ояд, дар паҳлуямон нест, ки хумор бишканем. Дар шахси ӯ мо адиб ва инсони хуҷастаманиш, соҳибзавқ, бекина, фурӯтан, меҳрпарвар, ватандӯст, хушсуханро аз даст додаем. Ба ҳар сурат, ҳар гоҳ ёдаш мекунем, ҳам диламон аз андуҳ фишурда мешавад, ҳам бидуни ихтиёр табассум гирди лабонамон медамад. Баъди марг низ сурур ангехтан яке аз хушбахтиҳои дигари Меҳмон Бахтист.

Охирҳои умраш Иттифоқи нависандагон ва кулли ёрону ошноён ба ҷашни 80-солагиаш омодагӣ мегирифтанд. Мо ҳама муштоқона дар интизори маҳфили эҷодии ӯ будем. Ҳар гоҳи рӯ ба рӯ омадан мепурсидемаш, ки ҷашн кай барпо мегардад. Зеро медонистем, ки он яке аз хотирмонтарину дилнишинтарин чорабиниҳо хоҳад буд. Вале устод табассумкунон онро бо сабабҳое мисли «тобистон ояд, ҳаво гармтар шавад», ё «тирамоҳ ояд, меваҳо пазанд» ба таъхир меандохт. Чанд бор изҳор намуда буд, ки куллиёташро ба ҷоп омода кардан дорад. Шояд мехост баъди интишори куллиёт маҳфил ороад, ин бароямон номаълум аст. Аммо ҳазор афсӯс, тақдир ноадолативу бераҳмӣ раво дид ва марги беамон муҷиб шуд, ки оқибат ӯ аз мо як маҳфил қарздор монд.

**Салими ЗАРАФШОНФАР**

## МАВЛУДНОМА

**• 18 АПРЕЛ •**

**Фотеҳ Ниёзӣ** (1914-1991), 110-солагии зодрӯзи Нависандаи халқии Тоҷикистон, Корманди шоистаи маданияти ҷумҳурӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

**Фирӯза Маҳмудова** (1954), 70-солагии зодрӯзи забоншинос (русӣ).

**Мир Ғуломалихони Озод** (1704-1786), 320-солагии зодрӯзи шоир ва тазкиранависи форсизабони Ҳиндустон.

**• 19 АПРЕЛ •**

**Убайдуллои Акрамзод** (1964), 60-солагии зодрӯзи журналист.

**Сангимади Даминзода** (1934-2011), 90-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**Умеда Ғаффорова** (1964), 60-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ.

**Ғуломҳайдар Ғуломалиев** (1904-1961), 120-солагии зодрӯзи оҳангсоз, мутриб, устоди рақс, Артисти халқии СССР.

**Орозо Исмонов** (1934), 90-солагии зодрӯзи арбоби ҷамъиятӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**• 20 АПРЕЛ •**

**Муҳаббат Абдуназарова** (1944-1997), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Абдусалом Атобоев** (1934-1985), 90-солагии зодрӯзи нависанда, драматург.

**Тамара Никифорова** (1919-2006), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника (кишоварзӣ).

**Турсунбой Содиров** (1939), 85-солагии зодрӯзи журналист.

**Ҷамолиддин Тошматов** (1939-2012), 85-солагии зодрӯзи нависанда (ба забонҳои тоҷикӣ ва узбекӣ менавишт).

**• 21 АПРЕЛ •**

**Абдулло Ашӯров** (1904-1976), 120-солагии зодрӯзи рассом.

**Татяна Бек** (1949), 85-солагии зодрӯзи шоири рус, тарҷумони осори адибони муосири тоҷик.

**Худоёр Ҷабборов** (1949), 75-солагии зодрӯзи журналист.

**Низомиддини Суҳайлӣ** (1444-1502), 80-солагии зодрӯзи шоири форс-тоҷик.

**• 22 АПРЕЛ •**

**Абдусамад Самиев** (1949), 75-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор.

**Клавдия Юриева** (1914-1991), 110-солагии зодрӯзи парандапарвар, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Фридрих Боденштедт** (1819-1892), 205-солагии зодрӯзи шоири немис, мутарҷими осори адибони классикии форс-тоҷик.

**• 23 АПРЕЛ •**

**Қурбоналӣ Абдулло** (1964), 60-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Иоланта Агабабовян** (1944), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи ҳуқуқ.

**Ҳорис Маликов** (1934), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Александр Ҷабборов** (1954), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**• 24 АПРЕЛ •**

**Тоҷиниссо Азизова** (1954), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Заррина Ёдгорова** (1964), 60-солагии зодрӯзи раққоса, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Натан Хаимов** (1914-1994), 110-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Салимбой Ҳасанов** (1949), 75-солагии зодрӯзи санъатшинос-педагог.

**Таҳияи Г. ИСМОИЛОВА,**
**Ҳ. АМРИДДИН,**
**кормандони Китобхонаи**
**миллии Тоҷикистон**

### Аз идора

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд? ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## МЕФУРӮШАМ

► ҲАВЛӢ

► Фавран фурӯхта мешавад! Ҳавлӣ, 2 дар хона, ошхона, ҳаммом, сауна, бассейн, ҳоҷатхона, ҳамзамон фундаменти тайёр барои сохтмони хонаи 2-ошёна: дохили фундамент аз санги тоза пур карда шудааст, дарвозаи 5-метра. Масоҳаташ 10 сотих, масолеҳи сохтмонии дохили ҳавлӣ ба нархи он дохил мегардад. Хона 1 км аз роҳи калон ҷойгир аст, дар паҳлуяш мактабу мағоза, масҷид, нарх 450 000 сомонӣ. Тел.: 559-07-95-95

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиносномаи техникӣ ба номи Ҷумаев Ибодулло Алиевич, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Сарикиштӣ, деҳаи Нишони Ленин, хонаи б/р аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматии квартираи литери 1А1 таҳти феҳристи №1Ш-70 аз санаи 12.01.2021 ба номи Ҷумаев Ибодулло Алиевич, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Сарикиштӣ, деҳаи Нишони Ленин, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ ба расмият даровар да шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти реестри №8Н-771, санаи 29-уми октябри соли 1985, аз номи Эрматов Джумабой ба номи Эрматов Эргашали Джумабаевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Р. Набиев, хонаи 79, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии 2-юми шаҳри Душанбе ба расмият даровар да шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Давлятов Алиджон Комилджонович, РЯМ: 0430322127, РМА: 015930611, ки дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба расмият даровар да шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи ҶСП "Аква порс", ш. Ваҳдат, ҷамоати А. Абдулвосиев, деҳаи Чинор, моҳи январи соли 2023, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ барои хонаи истиқоматӣ ба номи Давлатова Гулхоним, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Ҳуснобод, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯ ба номи Воҳидов Муҳаммадҷон Муқимович, ки соли 2023 аз ҷониби Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ЧТ №0129121, рақами қайд №72 ба номи Мухторов Анварҷон Аҳмадҷонович, ки соли 2019 аз ҷониби Литсейи касбии техникии сохтмони ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи маъюбӣ (Справка по инвалидности) ба номи Наҷмидинова Малика Душоновна, ки аз ҷониби Хадамоти давлатии ташхиси тиббии иҷтимоӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ва шиносномаи техникӣ ба номи Милованова Людмила, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Н. Муҳаммад, бинои 6/2, ҳ. 12, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии хонаи истиқоматӣ ва Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти феҳрасти 1М-78 кори меросии 82/2005, ки дар Идораи нотариалии давлатии н. Рӯдакӣ ба номи Ғоибов Имомалӣ Назаралиевич бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷ/д Зайнабобод, уч. Янги-Меҳнат ба расмият даровар да шудааст, бинобар сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Шартномаи ҳамкорӣ ва сармоягузорӣ дар сохтмони хонаҳои истиқоматӣ дар шаҳраки 11, кӯчаи Раҳимӣ таҳти феҳрасти 2Ш-1021 санаи 22.06.2018, ки дар Идораи нотариалии давлатии н. И. Сомонии ш. Душанбе ба номи Раҷабова Адолат Раҳмоновна бо суроғаи ш. Душанбе, шаҳраки 11, кӯчаи Раҳимӣ, блоки як, подъезди якум, ошёнаи 2-юм ба расмият даровар да шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи қисми ҳавлии истиқоматӣ, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе санаи 10-уми марти соли 2011, таҳти феҳристи №8Ш-912 ба Файзов Тоҷиддин Аҳмадович нисбат ба хонаи истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Панҷрӯд, хонаи 189/2 дода шудааст, дар қисми ҳиссаи Файзов Тоҷиддин Аҳмадович, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯйи қонун, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 18-уми феврали соли 2011, таҳти феҳристи №1М-39 ба Касымов Абдуллатиф Хамидчонович нисбат ба хонаи истиқоматии №15, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯчаи Борбад дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 8-уми ноябри соли 2013, таҳти феҳристи №1Ш-2105 ба номи Касымова Шарофат Мамадалиевна нисбат ба хонаи истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯчаи Ғалаба дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дубликати шартномаи хариду фурӯши квартира, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе аз 4-уми октябри соли 2017, таҳти феҳристи №4ғ-4431 ба номи Тавакалова Зебо Сайткамаловна нисбат ба квартираи №55, воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. И. Сино, хонаи 132/2 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯйи қонун, ки аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 19-уми октябри соли 2016, таҳти феҳристи №2М-176 ба номи Саматова Саида Рахмановна нисбат ба квартираи №20, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, хонаи 72/4 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва дафтари ҳавлидорӣ, ки аз тарафи КДФ "Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул" дар шаҳри Душанбе ва Хадамоти шиносномавию бақайдгирӣ дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба номи Ҳафизов Абдулло Шерович нисбат ба квартираи 83, воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковский, хонаи 60/1 дода шудаанд, бинобар сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Аттестати синфи 9 Т-АТА №0405887 ба номи Ҷунайдуллозода Сорбон Саидакбар, ки санаи 04.07.2016 аз ҷониби МТМУ №54, ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 №0451846 ба номи Юсупов Наҷибулло Аҳлиддинович, ки соли 2011 аз ҷониби МТМУ №17-и ноҳияи Нуробод, деҳаи Ҳасандара дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 ба номи Маҷнунов Имрон Илҳомҷонович, ки соли 2022 аз ҷониби МТМУ №35-и ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, эътибор надорад.

► Билети донишҷӯ ба номи Мадалиев Довуд Мукумҷонович, ки соли 2023 аз ҷониби Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии ҳавлидорӣ бо реестри №11816, ба номи Исоев Абдусалом, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи “Восточные холма”, квартали 6, хонаи 155, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Юсупов Бахромбой Одинабобоевич, РЯМ: 0730056755, РМА: 095429434 аз санаи 01.02.2012, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Норкулов Ахрор Хамроевич, №0004098, РЯМ: 0331195242, РМА: 036030966, санаи судур 23.03.2013, ки дар Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ ба расмият даровар да шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Шифо Фарм", РЯМ: 0710010235, РМА: 070017189, аз 17.07.2019 дар шаҳри Турсунзода барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи тиҷоратии "Шухрат 96", РЯМ: 0710004992, РМА: 070004678, аз санаи 27.12.2014 дар шаҳри Турсунзода барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи тиҷоратии "Ҷума Бобо", РЯМ: 3310005628, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи тиҷоратии "Мумин Бобо",№0263359, РЯМ: 3310001145, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи тиҷоратии "Юлдош Бобо", РЯМ: 3310002218, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Аҳмадҷон 2010", дар ш. Ҳисор, №0275423, РЯМ: 0910008651, РМА: 0900014556, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Шоҳини Душанбе", дар ш. Ҳисор, №0020143, РЯМ: 0910000988, РМА: 040026603, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "НШ Ойл Трейдинг", дар ш. Ҳисор, №0275202, РЯМ: 0910008055, РМА: 090013876, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Умед 2016", РЯМ: 0710009768, РМА: 070016640, аз 10.06.2016 дар шаҳри Турсунзода барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ҶУДО

## ШИРКАТИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЧЕМПИОНАТИ ОСИЁ ДАР ҲОНКОНГ

**Аз 20 то 22-юми апрели соли 2024 дар шаҳри Ҳонконг (Hong Kong)-и Ҷумҳурии Чин мусобиқаи навбатии Чемпионати ҷудои Осиё (Asian Judo Championship) баргузор мешавад.**

Дар ин мусобиқа, иштироки беш аз 270 варзишгар аз 36 кишвари минтақаи Осиё дар назар аст. Тоҷикистонро дар ин мусобиқа 9 паҳлавон намояндагӣ мекунанд. Ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон аз Аҳлия Муъминова (вазни -52кг), Мехрзод Сӯфиев (-60кг), Обид Чебов (-66кг), Бехрӯз Хоҷазода (-73кг), Сомон Махмадбеков (-81кг), Комроншоҳ Устопириён (-90кг), Шодмон Ризоев (-90кг), Ҷаҳонгир Маҷидов (-100кг) ва Темур Раҳимов (+100кг) иборат аст.




ҶОМИ ОСИЁ-U23

## ШИКАСТИ ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН АЗ АРАБИСТОНИ САУДӢ



**Дастаи мунтахаби олимпии футболи Тоҷикистон, ки дар қисмати ниҳоии Ҷоми Осиё-2024 дар Қатар ширкат дорад, бозии аввалинашро дар гурӯҳи С бо дастаи мунтахаби олимпии Арабистони Саудӣ анҷом дод.**

Воҳӯрӣ бо натиҷаи 4:2 бар нафъи арабҳо ба охир расид. Голҳои дастаи Тоҷикистонро Руслан Хайлоев ва Рустам Соиров заданд.

Бозии дигар дар ҳамин гурӯҳ бо ширкати дастаҳои Ироқу Тайланд баргузор шуд, ки бо натиҷаи 0:2 бар нафъи дуюмӣ ба охир расид.

Дар чанд гурӯҳи дигар низ бозиҳои даври аввал баргузор шуданд. Куриёи Ҷанубӣ бо натиҷаи 1:0 бар Аморати Араб пирӯз шуд, Ҷопон низ бо ҳамин ҳисоб Чинро шикаст дод. Қатар бо ҳисоби 2:0 бар Индонезия ғолиб омад. Австралия ва Урдун бозиро бо мусовии бидуни гол ба охир расонданд.

Бозии даври дуюми худро шогирдони Мубин Эргашев рӯзи 19-уми апрел бо дастаи Таиланд мегузаронанд.

Ҳамагӣ дар ин мусобиқа 16 даста ширкат доранд, ки ба чор гуруҳ ҷудо шуданд. Осиёи Марказиро дар ин мусобиқа дастаҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон намояндагӣ мекунанд.

ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

## «ИСТИҚЛОЛ», КМВА ВА «ҲОСИЛОТ» ПЕШСАФОНИ ЛИГАИ ОЛӢ ҲАСТАНД

**Дар даври дуюми Чемпионати Лигаи олии футболи Тоҷикистон дар се бозӣ меҳмонон пирӯз шуданд, ду бозӣ мусовӣ анҷом ёфт ва дар як бозӣ соҳибони майдон дастболо шуданд.**

Дастаи «Кӯктош» аз ноҳияи Рӯдакӣ бо дастаи «Регар-ТадАЗ» аз шаҳри Турсунзода бе задани гол бозиро ба анҷом расонданд. Дар бозии дастаҳои «Истаравшан»-и Истаравшан ва «Бракчӣ»-и Ҳисор низ мусовӣ ба қайд гирифта шуд, аммо дастаҳо ба дарвозаи ҳам якголӣ заданд.

«Хуҷанд»-и Хуҷанд дар майдони худ аз дастаи «Ҳосилот»-и Фарҳор бо ҳисоби 1:3 мағлуб шуд. «Эсхата»-и Хуҷанд низ дар майдони худ шикаст хӯрд. Клуби марказии варзиши артиш аз Душанбе буд, ки ба дарвозаи ин даста дар меҳмонӣ се голи беҷавоб зад. «Истиқлол»-и Душанбе дар меҳмонӣ дастаи «Вахш»-и Бохтарро бо ҳисоби 3:0 мағлуб кард. «Равшан»-и Кӯлоб дар майдони худ бар дастаи «Панҷшер»-и ноҳияи Ҷалолиддин Балхӣ бо ҳисоби 2:0 пирӯз шуд.

Пас аз анҷоми ду давр дастаҳои «Истиқлол», КМВА ва «Ҳосилот», ки воҳӯриҳоро бо пирӯзӣ анҷом доданд, бо шашимтиёзӣ дар садри ҷадвали мусобиқаанд. «Равшан» бо «Регар-ТадАЗ» чоримтиёзӣ доранд. «Хуҷанд» се имтиёз, «Баркчӣ» ду имтиёз ва «Истаравшан»-у «Кӯктош» якимтиёзӣ доранд. «Панҷшер», «Эсхата» ва «Вахш» имтиёз ба даст наовардаанд.

Даври сеюм рӯзи 19-уми апрел бо бозии дастаҳои «Ҳосилот» ва «Эсхата» шуруъ мешавад. Дар ҳамин рӯз «Панҷшер» бо «Истаравшан» бозӣ мекунанд. 20-уми апрел «Баркчӣ» бо «Вахш», КМВА бо «Равшан» ва «Истиқлол» ва «Кӯктош» бозӣ мекунанд. 21-уми апрел «Регар-ТадАЗ» бо «Хуҷанд» вомехӯрад.



| ДАВРИ II | Б | И |
|---|---|---|
| ИСТИҚЛОЛ | 2 | 6 |
| КМВА | 2 | 6 |
| ҲОСИЛОТ | 2 | 6 |
| РЕГАР-ТАДАЗ | 2 | 4 |
| РАВШАН | 2 | 4 |
| ХУҶАНД | 2 | 3 |
| БАРКЧӢ | 2 | 2 |
| ИСТАРАВШАН | 2 | 1 |
| КУКТОШ | 2 | 1 |
| ЭСХАТА | 2 | 0 |
| ПАНҶШЕР | 2 | 0 |
| ВАХШ | 2 | 0 |

РЕЗААХБОР

Маросими олимпӣ бо фурӯзон кардани оташ дар харобаҳои маъбади Ҳера дар Олимпияи қадим, ки дар соли 776 пеш аз милод дар он ҷо аввалин бозиҳои олимпӣ баргузор шуда буданд, баргузор шуд. Машъал бо оташ дар саросари ин кишвар бурда мешавад ва 8 май оташ ба Марсел дода мешавад. То оғози Олимпиадаи соли 2024 дар Париж тақрибан 100 рӯзи дигар мондааст. Бозиҳои олимпӣ дар Фаронса аз 26уми июл то 11-уми августи соли 2024 баргузор мешаванд.

***

Бозии ифтитоҳии Ҷоми Осиё-2024 (U-23) бо ширкати дастаҳои Қатар ва Индонезия бо ҳисоби 2:0 анҷом ёфт. Ин бозиро довари FIFA аз Тоҷикистон Насрулло Кабиров доварӣ кард. Ӯ дар ин бозӣ ба ду бозигари Индонезия корти сурх нишон дод ва ба дарвозаи ин даста пеналтӣ таъйин кард. Ёварони ӯ дар ин бозӣ ҳамватанонаш Вафо Қараев ва Ҳасан Каримов буданд.

***



Хабӣ Алонсо 5-уми октябри соли 2022 вазифаи сармураббии дастаи "Байер" аз Олмонро ба уҳда гирифт ва дар даври як мавсим шохкории бузургеро анҷом дод. Пас аз 18 моҳ, расо 557 рӯз, «Байер»-и Леверкузен аввалин унвони чемпиони Бундеслигаро дар 120 соли таърихаш ба даст овард. Ин пирӯзӣ дар бозиҳои бидуни шикаст ва 43 ғалабаи пайдарпай дар ҳама мусобиқаҳо барои ин даста рух дод.

***

Дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон тахти роҳбарии Пайрав Воҳидов дар Бангкок бозии санҷишии дуюмро анҷом дод. 13-уми апрел футзалбозони Тоҷикистон тими миллии Чинро бо ҳисоби 9:2 шикаст доданд. Дар бозии якум футзалбозони Тоҷикистон аз тими миллии Афғонистон бохисоби 3:4 шикаст хӯрданд. Ҷоми Осиё-2024 аз 17 то 28-уми апрел дар Таиланд баргузор мешавад. Тоҷикистон дар гуруҳи «С» бо дастаҳои Куриёи Ҷанубӣ (18 апрел), Қирғизистон (20 апрел) ва Ҷопон (22 апрел) бозӣ мекунад.



### Хостгорӣ

Ҷавоне ба духтари ҳамсоя ошиқ мешаваду аз волидонаш хоҳиш мекунад, ки ба хостгорӣ раванд, вале падару модараш "ҳамсоя ба ту духтар намедиҳад, беҳуда ба умед нашав" гӯён, розӣ намешаванд.

Ҷавон худаш назди падари духтар рафта, мегӯяд:

- Амакҷон, ман духтари шуморо дӯст медорам. Илтимос, духтаратонро ба ман ба занӣ диҳед.

Ҳамсоямард мегӯяд:

- Солҳои пеш туро барои картошкаву пиёз равон мекарданд, вале намедодем. Алҳон умед дорӣ, ки духтарамонро медиҳем?

### Қаҳрамонӣ

Зан ба шавҳар:

- Дадеш, шумо ҳам қаҳрамонӣ карда метавонед?

Шавҳар дар ҷавоб:

- Бо ту зиндагӣ кардан худаш қаҳрамонист!

### Гунаҳкор

Духтур:

- Гунаҳкори тамоми касалиҳои шумо арақ аст.

Бемор:

- Э раҳмат духтурҷон, ман фикр мекардам, ки ба ҳамааш худам гунаҳкорам.

### Мӯй

Ду зан ҳамроҳи шавҳаронашон аз кӯча мегузаранд. Сари шавҳари зани якум бемӯй асту марди дигарӣ мӯйи зард дорад. Зани дуюмӣ бо истеҳзо ба зани якум нигариста, мегӯяд:

- Хоҳарам, Худованд ба шавҳари шумо мӯй надод-мӣ?

Зани якум дар ҷавоб:

- Мӯй доду рангаш зард буд, барои ҳамин нагирифтем.

### Замони аз даст дода

Дар дарси забони русӣ муаллима аз писарбачае мепурсад:

- Муродбек, бодиққат гӯш кун: «Ман шавҳар мекобам». Ин ибора ба кадом замон дохил мешавад, замони ҳозира ё гузашта?

Муродбек дар ҷавоб:

- Замони аз даст дода, Сабоҳат Ризоевна.

Шикоят

Марде духтарашро ба шавҳар медиҳаду давоми се сол духтараш ҳомиладор намешавад. Рӯзе қудо ба хонаи марда омада, шикоят мекунад:

- Қудо, духтаратон се сол аст, ки таваллуд намекунад.

Мард дар ҷавоб мегӯяд:

- Намедонам, дар хонаи худам ҳар сол таваллуд мекард.

**Таҳияи Н.РАҶАБОВА**

## ЛАТИФАҲОИ ХОҶА НАСРИДДИН

### Офтоби меҳкӯб

Афандӣ ғайрат карда рӯза гирифт. Рӯзи аввали моҳи Рамазон то пешин базӯр тоқат карду пешинӣ дар рӯйи ҳавлиаш рӯ ба осмон дароз кашида, ғуруби офтобро интизор шуд. Ба назараш намуд, ки офтоб ҳамоно миёни осмон аст ва ҳеҷ намеҷунбад. Билохира ба паҳлуи офтоб нигариста, гуфт:

- Эй Парвардгор, ман ба номат рӯза доштам, ту бошӣ, ба ҷойи он ки ҳаракати офтобатро суръат диҳию азоби маро мухтасар кунӣ, офтобатро қасдан ба осмон меҳкӯб кардӣ. Алҳақ дар фикри афзудани азоби ман шудай.

### Эътирози Афандӣ

Афандӣ ба таги девори масҷид гузашта, ду даст боло бардоштаву рӯ ба осмон оварда, ба Худо муроҷиат кард:

- Парвардгоро, ту ба ҳар кор кодирӣ, раҳме ба ҳоли зори ман куну маро сарвате бидеҳ, ки дар паноҳи ҷонафзои ту бо роҳати тамом умр ба сар барам.

Ин замон пораи хиште аз боло бо шасти тамом афтоду ба сараш зад, сараш кафиду хун фаввора зад. Афандӣ нолакунон гуфт:

- Худованди карим, ман аз ту сарват металабам, усули саркафониро худам ҳам медонам.

### Инро худам ҳам медонистам

Афандӣ як чӯраи майпараст дошт, рӯзе ӯро ба ҷону ҳолаш намонда, хеле арақ нӯшонид. Афандӣ маст аз ошхона ба кӯча баромада, ба хонааш рафтанӣ шуд, вале ҳеҷ фаҳмида наметавонист, ки ба кадом тараф рафтанаш лозим. Як раҳгузарро нигаҳ дошта, пурсид:

- Намедонӣ хонаи мулло Насриддин дар кадом тараф?

Раҳгузар тарафи ростро нишон дод.

- Инро худам ҳам медонистам,- гуфта ба ҳамон тараф рафт.

### Хиҷолат пеши дузд

Рӯзе дузде ба хонаи мулло Насриддин даромад. Мулло ӯро дида, дохили хонаи дарун шуду дарро аз дарун занҷир кард. Дузд чор тарафро дида, ягон чизи арзанда наёфту гумон кард, ки чизҳои қиммат дар хонаи дарун аст, дарро канда, Афандиро дид ва дар ҳолате, ки аз тарс забонаш мегирифт, гуфт:

- Шумо ин ҷо будед?

Мулло ҷавоб дод:

- Чун чизи арзандае дар хона набуд, хиҷолат кашида, ин ҷо пинҳон шудам.

### Аз дасташ кашида гирифтан осон

Ба хонаи Афандӣ дузд даромад. Занаш ӯро бедор карда, гуфт:

- Хезед, мардак, ба хона дузд даромад.

Афандӣ аз ҷояш начунбида, гуфт:

- Э парво накун, Худо гӯй, ки дузд аз хонаи мо ягон чиз ёбад, агар ёбад, аз дасташ кашида гирифтан осон.

*Аз китоби "Латифаҳои Хоҷа Насриддин" (мураттиб Иброҳими Наққош, Душанбе, "Адиб", 2024*

### Сканворд

